# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

**НАШРИЯИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ**

**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ

**ИЗДАНИЕ ИНСТИТУТА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ**

**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**2018 (4)**

**МАҶАЛЛА АЗ СОЛИ 2005 НАШР МЕШАВАД.**

**МАҶАЛЛА ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 29.05.14 ТАҲТИ РАҚАМИ 0136/МҶ САБТИ НОМ ШУДААСТ. МАҶАЛЛА ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД. МАВОДИ ИРСОЛШУДА БОЗГАРДОНИДА НАМЕШАВАД.**

**Сармуҳаррир:**

***Абдулхоликзода Л.А. –*** ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Муовини сармуҳаррир:**

***Ҷамшедов Ҷ.Н. –*** муовини ректори Донишкада оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

**Ҳайати таҳририя:**

***Файзализода Ҷ.Х. -*** муовини ректори Донишкада оид ба таълим, доктори илмҳои педагогӣ

***Мухторов З. –*** директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, доктори илмҳои филологӣ

***Қудратов Р. -*** вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Хидирзода М.У. -*** сарходими илмии шуъбаи сиёсатшиносии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор

***Ализода Б.П. –*** сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент

***Шарипов Ш.–*** мудири кафедраи забонҳои Донишкада, номзади илмҳои филологӣ

***Шарифов Ҷ. –*** котиби масъул, сармутахассиси бахши таъбу нашри Донишкада

***Шукурова Т.Ф. –*** номзади илмҳои филологӣ

**Ҳайати мушовара:**

***Раҳмон Озода Эмомалӣ –*** роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Раҳмон Асадулло –*** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо

***Раҳмонзода А.А.–*** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Давлатов Ҷ.М. –*** директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Раҳимӣ Ф.Қ. –*** президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Фото Президент**

**Холи**

# МУНДАРИҶА

## Президент

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ш. Душанбе, 26 декабри соли 2018 ........ 16

Маводи Конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар даврони муосир: ҳолат ва дурнамо", 2-3 ноябри соли 2018 ........ 39

Суханронии ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдухолиқзода Л. дар Конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар даврони муосир: ҳолат ва дурнамо», 2 -3 ноябри соли 2018 ........ 40

Суханронии мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо Олимшо Меҳрӣ дар Конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар замони муосир: ҳолат ва дурнамо», 2-3 ноябри соли 2018 ........ 43

Сухани табрикии муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбӣ Б.О. дар маросими ифтитоҳи Конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар замони муосир: ҳолат ва дурнамо»,2-3 ноябри соли 2018 ........ 47

## Идоракунии давлатӣ

***Малик Е.Н., Пикалов. Б.В.*** Авлавиятҳои фаъолияти хадамоти PR дар мақомоти идоракунии давлатӣ ........ 54

***Байсубанова С. Т.*** Нақши идоракунии давлатӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Қирғизистон ........ 60

***Эркаев С. А.*** Такмили раванди идоракунии давлатӣ ва мусоидати он ба пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 68

***Зинченко Г.П., Зинченко Я.Г.*** Идоракунии давлатӣ ҳамчун проблемаи маърифат ........ 76

*Қодиров Д. С.* Пажӯҳиши авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори Ҳақназар Назаров ..........82

*Охунов Б. Х.* Назари ниҳодӣ ба идоракунии давлатӣ ..........88

**Хизмати давлатӣ**

*Котельников В.А.,Никитина Е.А.* Танзими медиа-имиҷи хизматчиёни давлатӣ: методология ва таҳлил ..........92

*Халилова Н. Р. А*сосҳои ҳуқуқии ташаккули салоҳияти касбии муоширатии хизматчиёни давлатӣ ..........97

**Иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва сайёҳӣ**

*Пирназарзода Д.М., Қурбонмуродова О*. Асосҳои назариявию методологииамалкард ва рушди соҳибкории хурд ва миёна дар соҳаи хизматрасонӣ ..........102

*Асоев М.М., Маҳмадиева Г. А.* Ҷанбаҳои назариявии рушди туризм дар Тоҷикистон..........109

*Савенок Э. А.* Нақши сайёҳии аграрӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Беларус..........115

*Мирошник С. В.* Идоракунии захираҳои тиллою асъорӣ: таҷрибаи Тоҷикистон, Россия ва кишварҳои дигар..........121

*Грачева Е. В.* Дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи вилояти Тула дар бахши рушди сайёҳии гастрономӣ..........127

**Иқтисодиёти рақамӣ**

*Трофимова Я. В.* Андозҳо - афзори идоракунии давлатӣ ва назорат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ..........133

*Свиридова М.Н.* Марҳилаҳои асосии инкишофи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Беларус..........139

**Илм ва инноватсия**

*Носиров М.С, Паҳлавонов Ф.А.* Баланд бардоштани захираи инноватсионии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун омили рушди рақобатпазирии маҳал..........145

**Проблемаҳои коррупсия**

***Рузевич О.Р.*** Муқовимат ба коррупсия ҳамчун омили баланд бардоштани самараи идоракунии давлатӣ ........................................ 150

***Шедий М.В.*** Муқовимат ба коррупсия дар системаи хизмати давлатии шаҳрвандии Федератсияи Россия ........................................ 155

***Лифанова М. В. Садыкова Д.Р.*** Мубориза бо коррупсия дар соҳаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Халқии Хитой ....................... 161

**Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

***Кудрявцев А. В.*** Ҳамкории мақомоти ҳифз ҳуқуқ дар бахши муқовимат ба ҷинояткорӣ: баъзе самтҳои баланд бардоштани самаранокӣ ........................................................................................ 166

**Худидоракунии маҳаллӣ**

***Шарипова Ш.М.*** Такмилёбии идоракунии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар мисоли ҷамоатҳои вилояти Суғд .......... 172

**Ҳамшарикии иҷтимоӣ**

***Миннигулова Д. Б.*** Дурнамои ҳамшарикии иҷтимоӣ дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар Федератсияи Россия ...................... 181

Қатъномаи Конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар замони муосир: ҳолат ва дурнамо» дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 2-3 ноябри соли 2018 .......................................................... 186

# СОДЕРЖАНИЕ

## Президент

Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «О направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан», г. Душанбе, 26 декабря 2018 года............16

Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Государственное управление и государственная служба в современных условиях: состояние и перспективы», 2-3 ноября 2018 года....................................................39

Выступление ректора Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан Абдухоликзода Л.А. в Международной научно-практической конференции на тему «Государственное управление и государственная служба в современных условиях: состояние и перспективы», 2-3 ноября 2018 года....................................................40

Выступление советника отдела Помощника Президента Республики Таджикистан по кадровым вопросам Олимшо Мехри в Международной научно-практической конференции на тему «Государственное управление и государственная служба в современных условиях: состояние и перспективы» 2-3 ноября 2018 года..........................................................................................43

Поздравительное слово заместителя директора Агентства государственной службы при Президенте Республики Таджикистан Аюби Б.О. в церемонии открытия Международной научно-практической конференции на тему «Государственное управление и государственная служба в современных условиях: состояние и перспективы», 2-3 ноября 2018 года ...............................47

## Государственное управление

***Малик Е. Н., Пикал Б.В.*** Приоритеты деятельности PR-служб в органах государственного управления ..............................................54

***Байсубанова С. Т.*** Роль государственного управления в экономическом развитии Кыргызской Республики............................60

***Эркаев С. А.*** Усовершенствование процесса государственного управления и его содействие развитию Республики Таджикистан .....68

***Зинченко Г.П., Зинченко Я.Г*.** Государственное управление как проблема познания ........ 76

***Кодиров Д. С.*** Исследование политической обстановки и государственного управления Афганистана конца XIX и начала XX века в трудах Хакназара Назарова ........ 82

***Охунов Б. Х.*** Институциональный подход к государственному управлению ........ 88

**Государственная служба**

***Котельников В.А.,Никитина Е.А.*** Построение медиа-имиджа государственных служащих: методология и анализ ........ 92

***Халилова Н. Р.*** Правовые основы формирования профессиональной коммуникативной компетенции государственных служащих ........ 97

**Экономика, предпринимательство и туризм**

***Пирназарзода Д.М., Курбонмуродова О*.** Теоретико-методологические основы функционирования и развития малого и среднего предпринимательства в сфере услуг ........ 102

***Асоев М.М., Махмадиева Г. А.*** Теоретические аспекты развития туризма в Таджикистане ........ 109

***Савенок Э. А.*** Роль агротуризма в развитии экономики Республики Беларусь ........ 115

***Мирошник С. В.*** Управление золотовалютными резервами государства: опыт Таджикистана, России и других стран ........ 121

***Грачева Е. В.*** О деятельности органов исполнительной власти Тульской области в сфере развития гастрономического туризма ........ 127

**Цифровая экономика**

***Трофимова Я. В.*** Налоги - инструмент государственного управления и контроля в условиях цифровизации экономики ........ 133

***Свиридова М.Н.*** Основные этапы развития электронного правительства в Республике Беларусь ........ 139

**Наука и инновация**

***Носиров М.С, Пахлавонов Ф.А.*** Повышение инновационного потенциала государственных служащих как фактор развития конкурентоспособности местности ....................................................145

**Проблемы коррупции**

***Рузевич О.Р.*** Противодействие коррупции как фактор повышения эффективности государственного управления ................150

***Шедий М.В.*** Противодействие коррупции в системе государственной гражданской службы Российской Федерации .........155

***Лифанова М. В. Садыкова Д.Р.*** Борьба с коррупцией в сфере государственного управления Китайской Народной Республики ......161

**Правоохранительные органы**

***Кудрявцев А. В.*** Взаимодействие правоохранительных органов в сфере противодействия преступности: некоторые направления повышения эффективности…................................. ..........................166

**Местное самоуправление**

***Шарипова Ш.М.*** Совершенствование управления органов местного самоуправления на примере джамоатов Согдийской области .............................................................................................172

**Социальное партнерство**

***Миннигулова Д. Б.*** Перспективы социального партнерства на государственной гражданской службе в Российской Федерации........181

Резолюция Международной научно-практической конференции на тему «Государственное управление и государственная служба в современных условиях: состояние и перспективы», 2-3 ноября 2018 года..................................................186

# CONTENT

## President

Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon «Main directions of internal and external policy of the Republic of Tajikistan», Dushabe, on December, 26, 2018 ...................... 16

Proceedings of the International scientific-practical conference on the theme “Public administration and civil service in modern conditions: state and prospects”, on November 2-3, 2018 .......................................... 39

Speech of the rector of the Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan Abdoukholikzoda L.A. in the International scientific-practical conference on the theme “Public administration and civil service in modern conditions: state and prospects” on November 2-3, 2018 .................................................. 40

Speech of Olimsho Mehri counsellor of the Department of the Assistant to the President of the Republic of Tajikistan on personnel issues in the International scientific-practical conference on the theme “Public administration and civil service in modern conditions: state and prospects", on November 2-3, 2018.................................................. 43

Congratulatory remarks by Ayubi B.O. the Deputy Director of the State Service Agency under the President of the Republic of Tajikistan in the opening ceremony of the International scientific-practical conference on the theme "Public administration and civil service in modern conditions: state and prospects", on November 2-3, 2018 ........................................................................................ 47

## Public administration

***Malik E.N., Pikal B.V.*** Priorities of PR-services in public administration bodies ........................................................................ 54

***Baysubanova S. T.*** The role of public administration in the economic development of the Kyrgyz Republic ....................................... 60

***Erkaev S. A.*** Improvement of the public administration process and its contribution to the development of the Republic of Tajikistan..... 68

***Zinchenko G. P., Zinchenko Y. G.*** Public administration as a problem of knowledge ....................................................................... 76

***Qodirov D. S.*** Research of the political situation and public administration of Afghanistan at the end of the 19 and the beginning of the 20-th century in the works of Haqnazar Nazarov ........................... 82

***Okhunov B. Kh.*** Institutional approach to public administration ......... 88

### Civil service

***Kotelnikov V. A., Nikitina E. A***. Construction of the media image of state employees: methodology and analysis ........................................ 92

***Khalilova N. R.*** Legal bases of the formation of professional communicative competence of public employees ..................................... 97

### Economics, entrepreneurship and tourism

***Pirnazarzoda D.M.,Qurbanmuradova O.*** Theoretical and methodological bases of the functioning and development of small and medium entrepreneurship in the sphere of services ............................ 102

***Asoev M.M., Mahmadiyeva G. A.*** Theoretical aspects of development of tourism in Tajikistan ...................................................... 109

***Savenok E. A.*** The role of agritourism in the development of the economy of the Republic of Belarus ....................................................... 115

***Miroshnik S. V.*** Management of gold-currency reserves of the state: experience of Tajikistan, Russia and other countries ....................... 121

***Gracheva E. V.*** About activity of executive authorities of the Tula region in the sphere of development of gastronomy tourism .................... 127

***Trofimova Y. V.*** Taxes - instrument of public administration and control in the conditions of digitalization of the economy ....................... 133

***Sviridova M. N.*** Basic stages of electronic government development in the Republic of Belarus .................................................. 139

### Science and innovation

***Nosirov M., Pahlavonov F. A.*** Increase of innovative potential of public employees as a factor of development of terrain competitiveness ........................................................................... 145

**Corruption problems**

***Ruzevich O. R.*** Counteraction of corruption as a factor of increasing the efficiency of public administration .................................. 150

***Shediy M.V.*** Counterection of corruption in the system of state civil. Servise of Russian Federation………………………………...... 155

***Lifanova M. V., Sadykova D. R.*** Struggle against corruption in the sphere of public administration of People's Republic of China ............... 161

**Law enforcement agencies**

***Kudryavtsev A. V.*** Interaction of law enforcement agencies in the sphere of counteraction of crime: some directions of efficiency improvement........................................................................................ 166

**Local administration**

***Sharipova Sh. M.*** Improvement of the management of the local government bodies on the example of jamoats of the Sogd region .......... 172

**Social partnership**

***Minnigulova D. B.*** Prospects of social partnership in the state civil service in Russian Federation ................................................................ 181

Rezolution of the International scientific-practical conference on the theme “Public administration and civil service in modern conditions: state and prospects”, on November 2-3, 2018 ....................... 186

# ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН», Ш. ДУШАНБЕ, 26 ДЕКАБРИ СОЛИ 2018

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**
**Ҳамватанони азиз!**

Соли 2018 бо рӯйдодҳои ниҳоят муҳимму хотирмони худ барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон соли воқеан таърихӣ буд. Бисту дуюми марти соли ҷорӣ дар Рӯзи байналмилалии захираҳои об татбиқи ташаббуси чоруми ҷаҳонии мо дар соҳаи об - «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо иштироки Роҳбари давлат дар Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид. Дар шароити тағйирёбии иқлим, ки масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст, Тоҷикистон дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Ба кор андохтани агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии “Роғун”, яъне иншооти тақдирсози аср ваояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафи якуми стратегии миллӣ - истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳалли масъалаҳои дар тӯли зиёда аз ду даҳсола бавуҷудомадаи сиёсиву иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯйдоди сеюми таърихӣ дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии мардум мебошад. Ба ин дастовард мо баъди мулоқоту музокироти дуҷониба, сафарҳои давлатии роҳбарони ҳар ду давлат ва ба имзо расидани созишномаи шарикии стратегӣ байни кишварҳои бо ҳам дӯсту бародар муваффақ гардидем, ки дар натиҷа рафтуомади озодонаи мардум таъмин гардида, дар зарфи нӯҳ моҳ беш аз дуюним миллион нафар шаҳрвандони ҳар ду кишвар ба дидори хешу табори худ муяссар шуданд ва ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва гуманитарӣ бамаротиб таҳким ёфтанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст. Соли ҷорӣ мо барои ноил

шудан ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ пешбинишуда қадамҳои устувор гузоштем.

Дар натиҷаи амалӣ намудани вазифаҳои дар Паёми соли гузашта баёншуда соли 2018 рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, таваррум дар сатҳи 5,4 фоиз нигоҳ дошта шуд. Пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуданд ва дар се соли охир шумораи шахсоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, 25 фоиз кам гардид. Даромади пулии аҳолӣ 11 фоиз зиёд шуда, ҳаҷми пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар нисбат ба соли гузашта 9 фоиз афзуд ва сатҳи камбизоатӣ то 29,5 фоиз коҳиш ёфт.

Дар соҳаҳои иҷтимоӣ тамоюлҳои мусбат идома пайдо карда, аз ҷумла нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ ба 75 сол расид ва фавти модару кӯдак дар муқоиса бо соли 1998, мутаносибан 2,1 ва 2,6 баробар паст гардид. Шумораи аҳолӣ дар кишвар аз 5,4 миллион нафари соли 1990 ба 9,1 миллион нафар дар соли 2018 расид ва дар назар аст, ки соли 2023 аҳолии кишвар ба 10 миллион нафар мерасад. Ин аз мо тақозо менамояд, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва тақвияти иқтидори истеҳсолии мамлакат диққати аввалиндараҷа диҳем. Мо бояд барои беҳтар намудани некӯаҳволии мардум обу заминро самаранок истифода бурда, истеҳсоли маводи ғизоиро зиёд намоем.

Аз моҳи сентябри соли 2018 маоши вазифавии кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаҳои буҷетӣ, аз ҷумла илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ ва кормандони дигар ташкилоту муассисаҳое, ки аз буҷети давлат маблағгузорӣ карда мешаванд, инчунин, нафақа ва стипендия то 15 фоиз баланд бардошта шуд. Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои амалӣ намудани ин иқдом дар соли 2019 1,2 миллиард сомонӣ равона мегардад.

Дар асоси барномаҳои қабулгардида мо бояд тарзе заҳмат кашем, ки барои баланд бардоштани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва нафақа дар солҳои минбаъда низ заминаҳои зарурӣ гузошта шаванд. Яъне мо бояд бо роҳи зиёд кардани қисми даромади буҷет солҳои дигар низ маошу нафақаро баланд бардорем.

Дар назар бояд дошт, ки қисми даромади буҷети давлатӣ аз 6,5 миллиард сомонии соли 2010 дар соли 2019 ба 24 миллиард сомонӣ расонида мешавад, ки афзоиши он қариб 4 баробар ва ҳиссаи хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 43,7 фоизро ташкил медиҳад. Дар буҷети соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба соҳаҳои фарҳангу варзиш 17,3 фоиз, илму маориф 14, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 9,5 ва тандурустӣ 7,2 фоиз зиёд маблағ равона карда мешавад.

Тибқи нақшаҳои тасдиқшуда дар соли 2019 афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ нисбат ба соли 2018 13 фоиз, суръати рушди маҷмӯи

маҳсулоти дохилӣ беш аз 7 фоиз ва таваррум дар сатҳи на зиёда аз 7 фоиз таъмин гардида, даромади пулии аҳолӣ на кам аз 10 фоиз афзоиш меёбад. Барои босифат иҷро шудани ин вазифаҳо, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пайомадҳои иқтисодиву иҷтимоии раванди тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, вазъи бозорҳои молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳоро мунтазам таҳлил карда, ҷиҳати пешгирӣ кардани таъсири манфии чунин омилҳо ба иқтисоди миллии мо тадбирҳои зарурӣро амалӣ гардонад. Ҳамчунин, дар самти муътадил нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, таъмин намудани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, корхонаҳо ва боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ чораҳои қатъӣ андешад.

Вазорати молия вазифадор карда мешавад, ки стратегияи идоракунии молияи давлатиро бо дарназардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои сифатноки қисми даромад ва хароҷоти буҷет, шаффофияти хароҷоти он, инчунин, пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳот дар ин самтҳо татбиқ намояд.

Бояд зикр кард, ки низоми бонкӣ дар таъмин кардани рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, бахусус, пешрафти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, таъсиси ҷойҳои кории нав ва васеъ намудани манбаъҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ нақши муҳим мебозад. Дар 11 моҳи соли 2018 аз ҷониби низоми бонкӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба маблағи 7 миллиарду 250 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 201 миллион сомонӣ ё 3 фоиз зиёд мебошад.

Вобаста ба ин, Бонки миллиро зарур аст, ки барои зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ ва махсусан, ба соҳаҳои истеҳсолӣ, нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо чораҳои қатъӣ андешад.

Илова бар ин, ба амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти п пулии кишвар вусъат бахшида, тартиби мазкур соли 2019 дар пардохти хизматрасониҳо ва низоми савдо ба таври васеъ ҷорӣ карда шавад. Соли 2018 ҳиссаи пули нақде, ки берун аз низоми бонкӣ дар муомилот қарор дорад, дар гардиши умумии пулии кишвар 64 фоизро ташкил кард. Бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем.

Мо таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизои хушсифат, инчунин, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳамчун ҳадафҳои стратегии худ интихоб намуда, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ -

аграрӣ амалӣ гардонида истодаем. Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт. Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад. Бинобар ин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд фаъолияти худро доир ба ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои корӣ вусъат бахшанд ва доир ба вазъи иҷрои корҳо ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд.

Мавҷуд набудани баъзе намудҳои ашёи хом дар дохили кишвар барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ масъалаи ҳалталаб мебошад. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ашёи хоми барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда, ба истиснои ашёи хоми дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шавад ва сохторҳои марбута дар давоми як моҳ тартиби татбиқи имтиёзи мазкурро муайян намоянд. Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба ташкили истеҳсолоти ивазкунандаи воридот имкон доданд, ки аҳолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмон таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маводи ғизоӣ аз хориҷи кишвар дар давоми се соли охир қариб се миллиард сомонӣ ё 31 фоиз коҳиш дода шавад.

Соли ҷорӣ аз 20 номгӯйи молу маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда афзоиши истеҳсоли 15 номгӯйи он таъмин гардид. Вале ба рақобат тобовар набудан ва баланд будани арзиши аслии маҳсулоти баъзе корхонаҳо, номукаммал будани роҳҳои ҳифзи манфиатҳои содироткунандагон дар хориҷи кишвар то ҳол ба таъмин намудани гуногунсамтии истеҳсолот ва содирот мусоидат накарда истодааст.

Бинобар ин, Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳамкории судмандро ҷиҳати васеъ намудани имкониятҳои содиротӣ ва транзитии мамлакат дар самти интиқоли транзитии молу маҳсулот ва ташкили «долонҳои сабз» бо кишварҳои ҳамсарҳад ба роҳ монад.

Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо, Агентии содирот, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро ҷиҳати муаррифӣ кардани маҳсулоти дар Тоҷикистон истеҳсолшуда, дарёфти бозорҳои содирот, шарикони истеҳсоливу тиҷоратӣ ва ҳифзи манфиатҳои соҳибкорони ватанӣ дар хориҷи кишвар тақвият бахшанд.

**Вакилони муҳтарам!**

Ислоҳоти иқтисодии тайи солҳои охир амалишуда ба беҳтар гардидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим мусоидат карда истодааст. Ҳоло дар кишвар татбиқи 70 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 30 миллиард сомонӣ идома дорад.

Дар 10 соли охир ба иқтисодиёти Тоҷикистон дар ҳаҷми зиёда аз 33 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардидааст, ки қисми зиёди он ба рушди соҳаҳои энергетика, алоқа, сохтмон, истихроҷу коркарди канданиҳои фоиданок ва бунёди инфрасохтор равона шудааст. Мо барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ҳамкориро бо шарикони рушд минбаъд низ идома медиҳем ва сармояи мустақими ҷалбшударо ба ворид намудани техникаву технологияҳои муосири истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки ватанӣ равона мекунем. Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки фаъолияти худро доир ба беҳсозии фазои сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва муаррифии лоиҳаҳои сармоягузорӣ вусъат бахшад.

Ман андешаҳои худро оид ба бисёр масъалаҳои афзалиятнок, аз ҷумла танзими низоми иҷозатдиҳӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва маъмурикунонии андоз 15 октябри соли ҷорӣ дар Форуми соҳибкорӣ баён карда, масъулонро барои ҳалли камбудиҳои ҷойдошта вазифадор намудам. Дар асоси натиҷаҳои дар ҷараёни форум бадастомада нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гардидааст ва сохтору мақомоти масъул бояд иҷрои онро назорат ва таъмин намоянд.

Ҳоло дар кишвар барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ҳамаи намудҳои санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар асоси арзёбии хавфҳо ба роҳ монда шудаанд. Вале талаботи қонунгузории соҳа аз ҷониби баъзе мақомоти санҷиш на ҳама вақт риоя мегардад.

Мо соли ҷорӣ бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон намудем, ки аз он қариб 2000 субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ бархурдор гардиданд. Барои тақвият бахшидан ба ин раванд, зарур мешуморам, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ” ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андозу гумрук татбиқ карда шаванд.

Ҳамчунин, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мораторий ба Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад. Бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодии соҳибкорон, расонидани кумак барои таҳияи лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва дарёфти роҳҳои татбиқи онҳо, бахусус, ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис ва ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ташкил намудани марказҳои хизматрасонӣ, ки дар як вақт вазифаи маркази таълимии соҳибкоронро иҷро мекунанд, чораҳои зарурӣ андешад.

Дар баробари ин, барои бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ, таъмин намудани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки соли 2019 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ”-ро таҳия ва пешниҳод намояд. Инчунин, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон “300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ” амалӣ карда шавад.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар даҳ соли охир иқтидорҳои истеҳсолии низоми энергетикии кишвар дар ҳаҷми 1520 мегаватт зиёд карда шуд ва беш аз 1300 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат сохта, ба истифода дода шуданд. Аз оғози бунёди нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 24 миллиард сомонӣ, танҳо соли 2018 3,9 миллиард сомонӣ азхуд карда шудааст ва соли 2019 ба ин мақсад қариб 4 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардида, агрегати дуюми он ба кор даровгарда мешавад.

Моҳи сентябри соли 2018 мо дар ноҳияи баландкӯҳи Мурғоб нерӯгоҳи барқи обии «Тоҷикистон»-ро бо иқтидори 1500 киловатт ба маблағи 80 миллион сомонӣ ба истифода супоридем, ки ба шарофати он талабот ба нерӯи барқ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пурра таъмин карда шуд. Ҳоло асосноккунии техникии ду нерӯгоҳи барқи обии дигар дар ин минтақа, яъне Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – “Санобод” ва “Себзор” бо иқтидори умумии 211 мегаватт омода гардида, корҳо доир ба дарёфту ҷалби сармоя бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ идома доранд.

Ҳукумати кишвар, дар баробари бунёди нерӯгоҳҳои барқи обии нав, ба масъалаи барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд Зеро дар ҳолати таҷдид накардани як қатор нерӯгоҳҳо, ки солҳои тӯлонӣ фаъолият карда истодаанд, самаранокии истеҳсолии онҳо коҳиш меёбад. Бинобар ин, ҳоло таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии «Сарбанд» ба маблағи 1,3 миллиард сомонӣ идома дорад ва соли 2019 таҷдиди нерӯгоҳи

барқи обии “Қайроққум” дар ҳаҷми 1,9 миллиард сомонӣ ва марҳалаи якуми таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии «Норак» ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ оғоз мегардад. Баъди таҷдиди пурра тавоноии ин се нерӯгоҳ нисбат ба ҳаҷми воқеии имрӯзаи онҳо, дар маҷмӯъ, 840 мегаватт афзоиш меёбад.

Танҳо бунёди нерӯгоҳи “Роғун” имкон медиҳад, ки умри нерӯгоҳи “Норак” садсолаҳо дароз карда шавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки ба обанбори “Норак” аз нерӯгоҳи “ Роғун” оби тахшиншудаи соф дохил мегардад ва обанбори “Норак” аз гилу лой пур намешавад. Илова бар ин, тавоноии нерӯгоҳҳои амалкунандаи масири дарёи Вахш 4 миллиард киловатт - соат меафзояд.

Барои боз ҳам устувор гардонидани низоми энергетикии кишвар кор доир ба татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000 оғоз гардидааст, ки маблағи умумии он қариб 11 миллиард сомонӣ (қисми Тоҷикистон 3,4 миллиард сомонӣ) буда, соли 2021 ба анҷом расонида мешавад.

Ҳамчунин, худи ҳамин сол барои фаъолияти самараноки нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” дастгоҳи муосири тақсимкунандаи элегазӣ, яъне зеристгоҳи барқӣ ба маблағи 530 миллион сомонӣ, хатҳои интиқоли барқи 500 – киловолта дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (“Роғун – Душанбе”) ба маблағи қариб 750 миллион сомонӣ ва 220 - киловолтаи «Айнӣ - Рӯдакӣ» ба маблағи 250 миллион сомонӣ ба истифода супорида шуданд.

Соли ҷорӣ мо на танҳо барои ноил шудан ба истиқлолияти энергетикӣ қадами устувор гузоштем, балки бори аввал дар 27 соли соҳибистиқлолии кишварамон ду соли охир мардуми мамлакатро пурра бо барқ таъмин намуда, дар ҳаҷми қариб 3 миллиард киловатт - соат нерӯи барқ содирот кардем. Дар баробари ин, Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ислоҳоти идоракунии соҳа, яъне таҳияи низоми нави ҳисоби хароҷоти истеҳсолу интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ва бо истифода аз низоми электронӣ ҷорӣ намудани механизми муосири баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии маблағи нерӯи барқи истифодашуда бояд тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

Вазорати энергетика ва захираҳои об якҷо бо ширкати “Барқи Тоҷик” вазифадоранд, ки ҷиҳати кам кардани талафоти нерӯи барқ чораҳои қатъӣ андешанд. Вобаста ба масъалаҳои рушди энергетика мехоҳам таъкид намоям, ки истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза - яке аз асосҳои рушди “иқтисоди сабз”- метавонад ба кам гардидани партовҳои гази карбон ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд. Ҳоло Тоҷикистон, тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалӣ доир ба истеҳсоли нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол мекунад.

Кишвари мо имконият дорад, ки баъди ба кор андохтани иқтидорҳои нав, аз ҷумла нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” аз лиҳози фоизи истеҳсоли нерӯи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ба ҷойи дуюм ё сеюм бароянд.

Ин саҳми Тоҷикистон дар ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ – кам кардани партовҳои гази карбон ба ҳавои атмосфера ва коҳиш додани оқибатҳои манфии гармшавии иқлим хоҳад буд. Дар робита ба ин, ҳамчунин, зарур аст, ки мо ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист, олами набототу ҳайвонот, вазъи экологӣ ва бо ин мақсад таҷдиди назар кардану такмил додани қонунгузории соҳа ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ муносибати ҷиддӣ зоҳир кунем.

Хотирнишон месозам, ки ҳифзи муҳити зист, дар айни замон, яке аз роҳҳои асосии ҷалби сайёҳон мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар шароити Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави он аз кӯҳҳо иборат аст, соҳаҳои нақлиёту коммуникатсия барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодӣ аҳаммияти бузург доранд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар кишвар аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ беш аз 2100 километр роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 1000 километр роҳҳои мошингарди дохилӣ аз ҳисоби дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ бунёду таҷдид карда шуданд. Танҳо соли 2018 сохтмону таҷдиди қариб 200 километр роҳи дохиливу байналмилалӣ ва 45 пул ба анҷом расонида шуд. Ҳоло дар соҳаи нақлиёт ба маблағи умумии 7,5 миллиард сомонӣ 14 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст.

Тайи солҳои охир дар натиҷаи бунёди шоҳроҳҳои мошингарди байналмилалӣ ва пайвастани Тоҷикистон бо роҳҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, кушода шудани роҳи оҳан ва 16 гузаргоҳи сарҳадӣ бо Ӯзбекистон кишвари мо аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ ёфт ва ҳадафи дуюми стратегиамон амалӣ гардид.

Минбаъд Ҳукумати кишвар бояд доир ба тавсеаи минбаъдаи шабакаи долонҳои нақлиётӣ ва тақвияти инфрасохтори нақлиётӣ, баромадан ба бандарҳои баҳрӣ, бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ, навсозии заминаҳои моддиву техникӣ ва таҷдиди паркҳои нақлиётӣ, инчунин, афзоиши ҳамлу нақли молу маҳсулот тадбирҳои иловагӣ андешад. Ҳамчунин, бо мақсади афзоиш додани ҳамлу нақли одамон ва ҳаҷми боркашонӣ бо дарназардошти мавқеи мусоиди ҷуғрофии Тоҷикистон ҷиҳати ба масири транзити ҳавоӣ табдил додани кишвар чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Ҳадафи стратегии дигар, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва афзун гардонидани иқтидори содиротии кишвар таъсири бевосита мерасонад, ҳифзи амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад. Бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи амнияти

озуқаворӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва буҷети давлат дар давраи соҳибистиқлолӣ беш аз 12 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумат ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ се баробар зиёд гардид, яъне аз 7,4 миллиард сомонии соли 2000 ба 21,3 миллиард сомонӣ дар соли 2018 расонида шуда, содироти маҳсулоти соҳа мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Дар баробари ин, зарур аст, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда дар самти рушди соҳа ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба масъалаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ диққати бештар дода шавад.

Ҳоло ҳиссаи ночизи пахтаи истеҳсолшуда дар дохили кишвар коркард шуда, имкониятҳои мавҷуда, алалхусус, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи нассоҷӣ ба таври кофӣ истифода нашудаанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ солҳои охир ҳамагӣ 10-12 фоизи нахи пахта дар дохили кишвар коркард мешавад. Соли 2018 содироти нахи пахта назар ба соли гузашта ду баробар афзудааст. Бинобар ин, бояд аз ҳисоби самаранок истифода бурдани замин, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ, зиёд кардани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда ва шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории меваю сабзавот оид ба беҳтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифати кишоварзӣ ва афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти он чораҳои қатъӣ ва фаврӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, Вазорати кишоварзӣ ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои барномаҳои қабулшудаи соҳаро таъмин карда, доир ба корҳои иҷрошуда ҳар шаш моҳ ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд. Илова бар ин, зарур аст, ки аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакӯҳҳо майдони боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ мунтазам зиёд карда шавад.

Дар 27 соли соҳибистиқлолӣ 190 ҳазор гектар заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ баровarda шуда, майдони заминҳои наздиҳавлигӣ дар кишвар 135 ҳазор гектар, аз ҷумла аз ҳисоби заминҳои обӣ 52 ҳазор гектар зиёд шудааст. Яъне ба як миллиону 400 ҳазор оила барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ замин тақсим карда дода шудааст ва ба ҳисоби миёна беш аз 7 миллион нафар сокинони кишвар шароити манзилиашонро беҳтар кардаанд. Бо ин мақсад дар 70 соли то замони истиқлолият ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин тақсим карда шуда буд.

Мо бояд азхудкунии заминҳои навро вусъат бахшида, майдони заминҳои корамро зиёд, яъне майдони заминҳои аз гардиши кишоварзӣ беруншударо барқарор кунем, то ин ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ талаботи мардумро бо маводи ғизоӣ таъмин намоем. Қабули "Барномаиислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025", ки ҳадафи асосии

он гузариш ба идоракунии муосири захираҳои об ва ҷалби сармоягузориҳои нав барои ҳалли мушкилоти об дар кишвар ба ҳисоб меравад, иқдоми саривақтӣ буда, яке аз масъалаҳои асосие, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд, таъминоти аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ мебошад. Зеро об сарчашмаи ҳаёт ва манбаи асосии саломатии инсон мебошад.

Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги об мебошад, таъминоти аҳолии деҳоти кишвар бо оби босифати ошомиданӣ беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд. Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд татбиқи 17 лоиҳаи давлатии сармоягузориро дар самти обтаъминкунии аҳолӣ дар ҳаҷми 2,4 миллиард сомонӣ оғоз кардааст, ки 50 фоизи онҳо то имрӯз амалӣ гардидаанд. Дар самти кишоварзӣ ва обёрии замин 35 лоиҳа ба маблағи умумии 5,4 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст. Аммо чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд, зиёда аз 80 фоизи маблағ барои рушди шабакаҳои обрасонии маркази шаҳру ноҳияҳо равона мегардад.

Зарур аст, ки ба ҳалли ин масъала дар деҳот низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад, зеро беш аз 73 фоизи аҳолӣ дар он ҷо зиндагӣ мекунад.

Мо бояд таъсири рӯзафзуни оқибатҳои тағйирёбии иқлимро ба вазъи корҳо дар самти расидан ба идораи устувори захираҳои об ҳамеша дар мадди назар дошта бошем. Маълум аст, ки тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ва сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозанд. Дар баробари ин, бар асари зиёд шудани аҳолӣ дар минтақаи мо ва умуман, дар сатҳи глобалӣ, талабот ба захираҳои об босуръат афзоиш меёбад. Ин ду омил дар назди мо вазифаҳои нави маҷмӯиро мегузорад.

Зимнан, таъкид менамоям, ки сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи об, дар айни замон, ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ низ нигаронида шудааст. Мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиати минтақа мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем. Такроран таъкид месозам, ки истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 миллиард метри мукаабро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддату устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ медиҳад.

Дар доираи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии даҳсолаи амал барои об тасмим гирифта шуд, ки ҳар як соли ин даҳсола ба баррасии ҳамаҷониба ва ҳаллу фасли тадриҷии мушкилоти марбут ба об бахшида шавад. Аз ҷумла, тибқи нақшаи корҳои созандагиву ободонӣ ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатӣ дар баробари сохтмон ва таъмиру тармими иншооти таъиноти иҷтимоӣ, инчунин, мушкилоти таъминоти аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ дар маҳалҳои аҳолинишин, махсусан, деҳот бояд ҳал карда шаванд.

Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳаммияти самтҳои мазкур дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки соли 2018 ба Тоҷикистон омаданд, нисбат ба соли 2017 дуюним баробар афзуд, вале барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда як сол басанда нест. Дар баробари ин, соли ҷорӣ “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” қабул гардид ва имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон то ҳадди имкон муаррифӣ шуданд, лекин барои рушди инфрасохтори соҳа дар ҳамаи минтақаҳои кишвар бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд. Мақсади асосӣ аз ин пешниҳод амалигардонии талошҳои Ҳукумати мамлакат ба хотири боз ҳам обод кардани Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмин кардани аҳолии деҳот бо оби босифати ошомиданӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад.

Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои расидан ба мақсадҳои зикршуда дар самти мазкур ва ҳамзамон бо ин, ҷиҳати муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ, ҳифз, инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту наботот ва мероси таърихиву фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои сайёҳии экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва кӯҳнавардӣ тадбирҳои иловагӣ андешад. Таъкид месозам, ки раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои вусъат бахшидан ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ва бо ин мақсад ҷалб намудани сармояи ватаниву хориҷӣ масъулияти бевосита дошта, бо ҷойи корӣ таъмин кардан ва соҳиби касбу ҳунар гардонидани мардум низ вазифаи аввалиндараҷаи онҳо мебошад.

Бо арзи эҳтирому самимият ва миннатдорӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони хайрхоҳу ҳимматбаланд барои ташаббусҳои созанда мехоҳам як нуктаро таъкид намоям: ба раванди созандагии Ватан ҳар як шаҳрванди бонангу номус бояд саҳмгузор бошад ва ҳар фарди ҷомеа бояд касбу ҳунаре дошта бошад, ки бо истифода аз он зиндагии худро пеш барад. Мо барои ҳар шахсе, ки мехоҳад касбу ҳунар, нияту нақша ва қобилияту истеъдоди худро амалӣ гардонад, яъне ҷиҳати худтатбиқкунии шаҳрвандон шароити мусоид фароҳам меорем

Мо ҳар амали некеро, ки ба шукронаи истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ анҷом медиҳем, барои худамон,

фарзандонамон, наслҳоиояндаамон, Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистон мекунем, зеро ин Ватан ва ин давлат аз худи мост ва онро ба ҷойи мову шумо каси дигар обод намекунад.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

**Ҳамватанони азиз!**

Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад. Аз ин рӯ, мо ба соҳаҳои илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем ва мушкилоти мавҷударо давра ба давра бартараф мекунем.

Мо, пеш аз ҳама, ба инкишофи зинаи таҳсилоти томактабӣ диққати ҷиддӣ дода, бояд шумораи муассисаҳои томактабиро бамаротиб зиёд намоем ва барои рушди қобилияти зеҳнии кӯдакон шароити мусоид фароҳам созем. Дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бунёд карда мешавад, ки қисми зиёди онҳо дар деҳоти кишвар пешбинӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва то соли 2021 ба 30 фоиз расонидани фарогирии кӯдаконро ба зинаи таҳсилоти томактабӣ таъмин намоянд. Танҳо соли 2018 дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 151 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 73 000 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд ва ин раванд дар оянда низ идома хоҳад ёфт.

Мо ислоҳоти низоми ҳамаи зинаҳои таҳсилро минбаъд низ давом дода, усулҳои фаъоли таълимро ҷорӣ мекунем ва ба сатҳу сифати таълим эътибори аввалиндараҷа медиҳем. Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илм, Хадамоти назорат дар соҳаи маориф вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ назоратро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати дониш дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пурзӯр намоянд. Ҳамзамон бо ин, Вазорати маориф ва илм якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар сохтору мақомоти дахлдор то соли 2020 масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгориро пурра ҳаллу фасл намояд.

Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар. Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд,

идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем.

Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм зарур аст, ки фаъолияти курсҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро боз ҳам тақвият бахшад. Илова бар ин, ҳамаи кормандони соҳаи маориф, аз дастгоҳи вазорат ва сохторҳои маҳаллии он то устодону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликият, дар тамоми қаламрави кишвар ҳар се сол як маротиба аз аттестатсия гузаронида шаванд.

Ҳанӯз соли 2003 Фармони Президенти кишвар дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русиву англисӣ қабул шуда буд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳо дар ин масъала чандон қонеъкунанда нестанд. Агар мо хоҳем, ки бо ҷомеаи пешрафтаи башар баробар қадам гузорем, бояд ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳем. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд. Бори дигар хотирнишон месозам, ки мо ин корро барои худамон, яъне ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тавсеаи ҷаҳонбинии наврасону ҷавонони кишвар мекунем, на бо мақсади дигар.

Мо ба солимии ҷомеа ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ диққати махсус дода, инфрасохтори муассисаҳои тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро мунтазам тавсеа ва таҳким бахшида истодаем. Ҳоло дар 19 шаҳру ноҳияи мамлакат «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кумаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019» амалӣ гардида истодааст ва ин таҷриба давра ба давра тамоми кишварро фаро мегирад. Илова бар ин, дар давоми се соли оянда дар кишвар беш аз 560 беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти соҳаи тандурустӣ бунёд карда мешаванд. Бо вуҷуди пешравиҳо, ҳоло низ баъзе камбудиҳо, аз ҷумла дар масъалаи расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, ки аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад, ба мушоҳида мерасанд.

Аз арзу шикоятҳои сокинони мамлакат ба унвони Дастгоҳи иҷроияи Президент бармеояд, ки дар баъзе муассисаҳои тиббӣ ҳангоми расонидани кумаки аввалияи тиббӣ аз соҳибони шахсони бемору корафтода маблағ ва доруворӣ талаб карда мешавад, ки ин хилофи қонун мебошад. Яке аз масъалаҳое, ки бо вуҷуди таъкидҳои доимӣ ислоҳ нашуда истодааст, ҳоло ҳам паст будани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва муошмрати табибон мебошад ва роҳбарони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадоранд, ки дар ин самт тадбирҳои муассир андешанд.

Соли ҷорӣ бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва ба муомилот баровардани дорувории бесифат ё муҳлати истифодааш гузашта ё истеҳсол кардани онҳо дар мамлакат, инчунин, дар натиҷаи фаъолияти тиббӣ ба бемориҳои сироятӣ гирифтор шудани мизоҷон ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шуд. Прокуратураи генералӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар мақомоти дахлдор бояд иҷрои талаботи қонунро таъмин карда, дар роҳи содиршавии ин гуна қонуншиканиҳо садди устувор гузоранд.

Ҳоло дар кишвар 149 ҳазор нафар шахсони маъюб, аз ҷумла 15 ҳазор нафар маъюбони гурӯҳи якум, қариб 27 ҳазор нафар маъюбони то 18-сола ва 71 ҳазор нафар ятимон умр ба сар мебаранд. Маблағи умумие, ки ҳар моҳ аз ҳисоби буҷети давлат танҳо ба ятимон пардохта мешавад, беш аз 12 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Мо дар оянда низ ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ғамхорӣ дар ҳаққи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон, шахсони бесаробонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадоронро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини худ мешуморем.

Мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, ойину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамида эътибори доимӣ медиҳем. Қобили зикр аст, ки хусусан, солҳои охир таваҷҷуҳ ба ҳифзи забони давлатӣ, суннату арзишҳо ва либоси миллӣ зиёд шудааст.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ ойину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардиданд.

Бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат қисме аз онҳо, аз ҷумла Шашмақом ва Наврӯз ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО ва шаҳри қадимаи Саразм, Парки миллии Тоҷикистон ба Феҳристи мероси моддии ташкилоти зикршуда ворид гардиданд ва соли оянда мусиқии Фалак, ёдгории таърихии Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада низ ба ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пешниҳод карда мешаванд. Чанде пеш бо қарори Ассамблеяи генералии ЮНЕСКО боз яке аз намунаҳои беҳтарини ҳунарҳои мардумии мо - чакан ба Феҳристи мероси фарҳанги ғайримоддии башарӣ шомил гардид. Аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани мероси таърихиву фарҳангии мо дар айни замон эътирофи тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангӣ мебошад.

Мо тасмим гирифтем, ки соли 2020 ҷашни яке аз ёдгориҳои бостонии кишварамон - шаҳри қадимаи Саразмро доир намоем. Ин чорабинӣ имкон медиҳад, ки мо маданияти беш аз 5500 - солаи аз ҷониби доираҳои илмии

ҷаҳон эътирофшудаи худро ба ҷаҳониён ба тавri шоиста муаррифӣ созем. Моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихии худро ҳифз кунем, обод гардонем ва ба онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намоем.

Ин қарзи мо дар назди таърих ва наслҳои оянда мебошад.

**Вакилони муҳтарам!**

Мо минбаъд низ мақоми занонро дар ҷомеа баланд бардошта, мавқеи онҳоро дар татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дастгирӣ менамоем. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ гардида, барои фаъолияти занон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд. Барои мисол метавон аз ду соҳаи иҷтимоӣ – маориф ва тандурустӣ ёдовар шуд, ки солҳои охир дар ин сохторҳо шумораи занону духтарон бамаротиб афзоиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти оморӣ соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар аз 95 ҳазор нафар кормандон ҳамагӣ 52 фоизро занону духтарон ташкил медоданд. Соли 2018 ин нишондиҳанда ба 70 фоиз расидааст. Дар соҳаи тандурустӣ соли 1998 аз 45 ҳазор нафар кормандон 25 ҳазор нафари онҳо занону духтарон буданд. Ин нишондиҳанда соли ҷорӣ аз шумораи умумии кормандони соҳа, ки 80 ҳазор нафарро ташкил мекунанд, ба 51 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба солҳои пеш хеле зиёд мебошад.

Имрӯз шумораи занон дар сафи хизматчиёни давлатӣ афзоиш ёфта, соли 2018 дар мансабҳои роҳбарикунанда 19 фоиз ва дар ҳайати хизматчиёни давлатии мақомоти марказӣ ва сохторҳои тобеи онҳо 25 фоизро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии занон ҳамчун нерӯи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем. Баробари ин, медонем, ки зан модар аст, яъне ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва ба ӯ ҳаёт мебахшад. Ба ин хотир, мо масъул ҳастем, ки ба ин мавҷуди офарандаи инсоният арҷ гузорем, ранҷу машаққат ва заҳмату хизматҳои ӯро қадр намоем.

Ҳамзамон бо ин, аз модарону бонувони кишвар даъват ба амал меорем, ки дар риояи қонунҳои миллиамон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» боз ҳам фаъол бошанд, фарзандонро ба зиндагии мустақилона омода карда, онҳоро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намоянд, сарфаю сариштакориро, ки яке аз хислатҳои беҳтарини миллати қадимаи мост, риоя кунанд, дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ҳамеша пешсаф бошанд, расму ойин, анъанаву суннатҳо ва фарҳанги миллиамонро ҳифз намоянд. Бонувону модарони мо бояд, муҳимтар аз ҳама, барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, ки мо онро маъмулан забони модарӣ меномем, кӯшиш карда, ба наслҳои оянда одоби муошират ва суханвариро бо ин забони ширину шоирона омӯзонанд. Бори дигар ба падару модарони азиз

мурочиат карда, аз онҳо хоҳиш менамоям, ки ба таълиму тарбияи фарзандон аҳаммияти аввалиндарача диҳанд.

Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем. Ман ба ҷавонони кишвар барои дастгириашон аз сиёсати давлату Ҳукумат ва хизмати содиқонаашон миннатдории самимӣ баён мекунам. Имрӯз қисми асосии хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз 23 ҳазор нафар бунёдкорони иншооти азими аср – нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” ил фоизашон ҷавонони то сисола мебошанд.

Ҳукумати Тоҷикистон барои ҷавонон тавассути оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва омодасозии варзишгарони касбӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода мекунад. Танҳо соли 2017 дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба маблағи 175 миллион сомонӣ 300 иншооти соҳаи варзиш сохта, ба истифода супорида шуд. Имсол ин раванди созанда вусъати тоза пайдо карда, 230 иншооти навбунёди варзиш мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Шумораи умумии иншооти варзишии дар зарфи даҳ соли охир, яъне солҳои 2008-2018 ба истифода додашуда ба зиёда аз 9300 расидааст.

Ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти нерӯҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Чунин тарзи танзими ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро асосан ба идоракунии давлатӣ равона созанд.Аз ин рӯ, ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд.

Тавре ки маълум аст, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад. Бинобар ба охир расидани

муҳлати Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009–2019 зарур мешуморам, ки барои даҳсолаи минбаъда барномаи нав таҳия ва қабул карда шавад.

Пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои дарпешистода кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро талаб мекунад. Зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд. Бо ин мақсад, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия ва Хадамоти иҷро дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқиро барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод созанд.

Дар паёмҳои қаблӣ ва дигар суханрониҳо ман андешаҳои худро доир ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳор карда будам. Шиддати ин хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мутаассифона, имрӯз ҳам паст нашудааст. Аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вақтҳои охир дастгир шудани гурӯҳҳои ҷиноятие, ки мехостанд дар минтақаҳои сарҳадӣ ва дохили Тоҷикистон амалҳои террористӣ анҷом диҳанд, гувоҳи ин гуфтаҳост. Бинобар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро зарур аст, ки бо ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, инчунин, бо истифода аз шаклу усулҳои муосир муборизаро бар зидди терроризм ва экстремизм, зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳо тақвият диҳанд.

Дар ин раванд, диққати асосӣ бояд ба пешгирӣ намудани терроризму экстремизм, шомилшавии шаҳрвандони мамлакат ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ба Ватан баргардонидани шахсони гумроҳшуда равона карда шавад. Аз ин рӯ, ба Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқии пешгирӣ кардани экстремизм ва таҳияи тарзу усулҳои муосири муқовимат бо ин зуҳурот дар муҳлати се моҳ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо экстремизм» - ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бартараф намудани манбаъҳои маблағгузории терроризм, яъне муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир омили муҳимми пешрафт дар роҳи мубориза бо ин ҷинояти даҳшатнок ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, Агентии назорати маводи нашъаовар, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ вазифадоранд, ки дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳимми фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад. Бинобар ин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои ваколатдори соҳа бояд ҳамкориро бо аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои муассир андешанд. Ҳамзамон бо ин, якҷо бо Вазорати адлия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия"-ро, ки соли 2005 қабул шудааст, вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд.

Мурожиатҳои сокинони кишвар ба Дастгоҳи иҷроияи Президент нишон медиҳанд, ки фаъолияти баъзе мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин самт ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст ва шахсони мансабдор ваколатҳои худро тибқи талаботи қонун амалӣ намесозанд. Аз ин лиҳоз, Прокурори генералиро зарур аст, ки якҷо бо роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо риояи ҳатмии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ"-ро аз ҷониби шахсони мансабдор ва дигар хизматчиёни давлатӣ таъмин карда, ҳар нимсола ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

Зарур медонам бори дигар таъкид намоям, ки пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад. Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тамоми кормандони мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, агентиҳои назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва сари вақт ошкор кардани ҷиноятҳо, муайян ва бартарафсозии сабабу омилҳои содиршавии онҳо чораҳои ҷиддӣ андешанд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд, пеш аз ҳама, худашон талаботи қонунҳоро дар кору фаъолияти хеш қатъиян риоя намоянд ва дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ намунаи ибрат бошанд.

Вазъияти имрӯзаи ҷаҳон ва минтақа тақозо менамояд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат, бахусус, ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ ҳамеша дар ҳолати омодабош қарор дошта бошанд. Мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем ва дилпурем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро чун сипар ҳимоя мекунанд.

Таъкид менамоям, ки вазъи сайёра дар ду-се соли оянда боз ҳам мураккаб мешавад. Бинобар ин, роҳбарони ҳамаи сохторҳои низомӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ бояд ба баланд бардоштани сатҳи омодагии касбӣ, садоқат ба халқу Ватан, тарбияи кадрҳо, риояи ойинномаву низомномаҳо, интизоми ҳарбӣ, таъмини амнияти давлату ҷомеа ва тартиботи ҳуқуқӣ эътибори доимӣ диҳанд.

Садди аввали мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва қочоқи маводи мухаддир маҳз сарҳади давлатӣ мебошад. Дар ин замина, мехоҳам бори дигар хотиррасон намоям, ки ҳифзи сарҳад вазифаи танҳо сарҳадбонон нест.

Ҳар як фарди ватандӯст бояд дар ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва оромиву суботи ҷомеа бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ҳамкорӣ намояд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди хизмат ба Қувваҳои Мусаллаҳ, аз ҷумла Қӯшунҳои сарҳадӣ тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Тайи панҷ соли охир барои ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ 170 иншооти нав сохта шуданд. Танҳо дар хатти сарҳади давлатӣ бо Афғонистон, ки қариб 1400 километрро ташкил медиҳад, зиёда аз 100 иншооти ҳифзи сарҳад ба фаъолият оғоз намуданд.

Суботу оромии ҳамсоякишварамон - Афғонистон барои мо мисли обу ҳаво зарур аст ва Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ талош меварзад, ки дар ин кишвари дӯст сулҳи пойдор барқарор гардад. Гузашта аз ин, тайи солҳои зиёд Тоҷикистон ҳамчун сипар на танҳо амнияти худ, балки бехатарии минтақа, кишварҳои пасошӯравӣ ва аврупоиро аз паҳншавии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму экстремизм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ таъмин карда истодааст.

Аз ин рӯ, мо чи аз тариқи минбарҳои байналмилалӣ ва чи дар доираи гуфтушунидҳо бо роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ пайваста даъват ба амал меорем, ки ба қазияи Афғонистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Мо кӯшишҳои Ҳукумати Афғонистони дӯст ва ҷомеаи ҷаҳонро ҷиҳати роҳандозӣ намудани раванди музокироти сулҳ дар кишвар, ба эътидол овардани вазъи сиёсиву низомӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии он ҳамаҷониба пуштибонӣ мекунем ва бори дигар изҳор медорем, ки қазияи Афғонистон танҳо роҳи ҳалли низомӣ надорад. Ҷангу низоъ ва мухолифати мусаллаҳона даҳшат аст, қатлу куштори одамони бегуноҳ аст, қашшоқиву бенавоӣ, бадбахтӣ, касодии иқтисодӣ ва шикасти низоми қонунияту давлатдорист.

Мо даҳшати ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузаштаро, ки душманони миллати тоҷик ба сари мо таҳмил карда буданд, ҳаргиз фаромӯш намекунем ва бо итминон изҳор медорем, ки мардуми мо дигар ба доми фиреби душманону бадхоҳони миллат, ки то ҳанӯз аз ҳадафҳои

ғаразноки худ даст накашидаанд, гирифтор намешаванд. Аз ин рӯ, мо ҳамеша ҷонибдори сулҳ дар саросари ҷаҳон ҳастем ва хоҳонем, ки тамоми мухолифату низоъҳо, дар кадом минтақа ё кишваре, ки набошанд, танҳо бо роҳҳои осоишта ва музокирот ҳаллу фасл карда шаванд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ дар асоси усули муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва поягузорӣ гардида буд, боқӣ мемонад.

Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳоло татбиқ шуда истодааст, идомаи мантиқии ин самт буда, ба сатҳи сифатан нав бардоштани робитаҳои байналмилалии кишвари моро дар шароити нави рушди ҷаҳонӣ таъмин менамояд. Вазъи ноустувори ҷаҳони муосир дар шароити шиддат ёфтани рақобатҳои геосиёсиву геоиқтисодӣ ва афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ аҳаммияти таҳкиму густариши муносибатҳои байналмилалиро дучанд менамояд. Бинобар ин, мо ҳамкориҳои фарогирро бо кишварҳои дуру наздик ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ идома дода, ҷиҳати пешбурди самарабахши онҳо пайваста кӯшиш хоҳем кард.

Мо ба таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба дар минтақаи Осиёи Марказӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳем. Густариш ва таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, чун анъана, дар асоси дӯстиву эътимод, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкории судманд ба роҳ монда шуда, ба иҷрои ҳадафу вазифаҳо, ҳамчунин, рафъи мушкилоти муштарак равона гардидааст.

Хурсандибахш аст, ки баъди ба ҳайси Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон интихоб шудани муҳтарам Мирзиёев Шавкат Мирамонович дар раванди рушди шарикии гуногунҷанбаи минтақавӣ тамоюлҳои мусбат вусъат гирифта, ғояи он мазмуну муҳтавои нави амалӣ касб мекунад. Бори дигар бо қаноатмандӣ хотирнишон месозам, ки соли 2018 дар муносибатҳои дуҷониба бо кишвари ҳамҷавор ва дӯсти мо - Ӯзбекистон таҳаввулоти таърихӣ рух доданд ва мо тамоми масъалаҳои ҳалталабу шиддатнокеро, ки тайи зиёда аз бист соли охир байни ду кишвар ба миён омада буданд, пурра ҳаллу фасл карда, ҳамкориҳоямонро ба сатҳи шарикии стратегӣ баровардем.

Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохтору мақомоти дахлдори кишвар вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои созандаву дарозмуддати Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва дигар шарикони анъанавӣ ҳадафмандона чораҷӯӣ намоянд. Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва густариши робитаҳо дар доираи сохторҳои ҳамкории байналмилаливу минтақавӣ, ҳамчунин, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҷойгоҳи хосса дорад.

Чунонки зикр намудам, соли ҷорӣ татбиқи амалии ташаббуси чоруми ҷаҳонии мо доир ба масъалаҳои об – Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” оғоз гардид, ки барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои об дар ҳамаи сатҳҳо заминаи зарурӣ ва васеъ фароҳам меорад. Ҳамагӣ чанд рӯз пеш, яъне 20 декабри соли 2018 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид лоиҳаи қатъномаи пешниҳоднамудаи Тоҷикистонро таҳти унвони “Шарҳи миёнамуҳлати фарогири ҷараёни татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028” якдилона ва бо ҳаммуаллифии 190 кишвари узви созмон қабул кард.

Ин қатънома ҷараёни баррасии миёнамуҳлати даҳсоларо ба танзим даровარда, баргузории ду чорабинии муҳимми ҷаҳониро пешбинӣ менамояд: якум, баргузории Конфронси Созмони Милали Муттаҳид доир ба Шарҳи миёнамуҳлати фарогири ҷараёни татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, солҳои 2018-2028” аз 22 то 24 марти 2023; ва дуюм, ҷаласаи сатҳи баланди Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати мусоидат ба татбиқи ҳадафу вазифаҳои марбут ба захираҳои об дар моҳи марти соли 2021.

Ҳамин тавр, бо иқдоми ҷониби мо мавзӯи захираҳои об дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид устувор гардида, бори аввал чорабинии сатҳи баланду фарогири созмон дар масоили захираҳои об баъди зиёда аз чил соли баргузории нахустин Конфронси созмон дар соҳаи об аз ҷониби Дабири кулли он даъват карда мешавад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки ҳамчун ҷониби ташаббускори масъалаҳои вобаста ба об дар сатҳи глобалӣ бомаром амалӣ гардонидани ҳадафу вазифаҳои даҳсолаи навро мунтазам пайгирӣ кунем.

**Ҳамватанони азиз!**

Авзои сиёсии сайёра ҳоло бисёр ноороому бесубот ва боиси ташвишу нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳон гардидааст.

Чунонки дар чандин суханрониҳои худ иброз намудам, кӯшишҳои азнавтақсимкунии ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, қудратталабӣ, бархӯрди манфиатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҷиноятҳои киберӣ торафт шиддат гирифта, ҷаҳонро ба марҳалаи нави ҷанги сард кашонидаанд ва имрӯз баъзе сиёсатмадорону коршиносон ҳатто доир ба хатари ҷанги сеюми ҷаҳон ҳарф мезананд. Ин вазъият самаранокии мубориза бо хатару таҳдидҳои замони муосирро, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва талошҳои муштараки ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро тақозо менамояд, коҳиш дода, баръакс, боиси пуштибонӣ ёфтани гурӯҳҳои террористиву ифротгаро аз ҷониби баъзе доираҳо ва истифодаи ин нерӯҳои даҳшатнок ба муқобили минтақаву давлатҳои алоҳида мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътирофи нақши калидӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои дахлдори он Стратегияи ҷаҳонии

созмонро оид ба мубориза алайҳи терроризм ва конвенсияҳои зиддитеррористии он, қатъномаҳои Шӯрои амният ва Маҷмаи умумиро асоси муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ дониста, омодагии худро ҷиҳати тақвияти минбаъдаи ҳамкорӣ дар ин арса изҳор менамояд.

Ба ин хотир, Тоҷикистон талошҳои худро вусъат бахшида, дар самти муборизаи самарабахш бар зидди хатару таҳдидҳои замони муосир, чун пештара, шарики табиии ҳамаи давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ хоҳад буд.

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Пешрафту дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар солҳои охир, камбудиву мушкилоти дар ҳаёти давлат ва ҷомеа, инчунин, дар фаъолияти баъзе зинаҳои идоракунӣ ҷойдошта ин ҷо баён шуданд ва вазифаҳо барои бартараф намудани онҳо низ муайян гардиданд.

Таъкид месозам, ки танҳо саъю талоши софдилона, ҳисси масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда моро ба ҳадафҳои муайяннамудаамон наздик мекунанд.

Бовар дорам, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавиirodаву заҳматдӯсти мо аз уҳдаи бартараф кардани ҳамаи мушкилот ва иҷрои ҳама гуна амалҳои нек мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии арзандаи ҳар фарди Ватан шароити мусоид фароҳам меоранд.

Соли 2021 мо ҷашни бузурги 30–солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистони маҳбубамонро таҷлил мекунем. Мо барои истиқболи шоистаи ин ҷашни муқаддасу муборaки миллӣ корҳои зиёди ободониву созандагиро ба нақша гирифтаем.

Дар ин марҳалаи барои ояндаи кишварамон сарнавиштсоз ҳар яки мо - аз Роҳбари давлат, аъзои Ҳукумат ва вакилони парламент сар карда, то роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва хизматчиёни давлатӣ вазифадорем, ки як масъалаи муҳимро ҳамеша дар хотир дошта бошем: тибқи Конститутсия халқ сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, яъне ҳокимият ба халқ тааллуқ дорад.

Бинобар ин, ҳар яки мо - роҳбарони тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ бояд ба халқ содиқона хизмат кунем, на халқ ба мо. Яъне мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, ба халқи азизамон содиқонаву самимона ва бо виҷдони пок хизмат кунем, нақшаҳои бунёдкоронаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем.

Мо бояд ташаббускор бошем, тамоми кӯшишу ғайрат, донишу малака ва қобилияти ташкилотчигии худро барои раҳнамоӣ кардани мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа ба корҳои ободонӣ сафарбар намоем.

Мо бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафтаву нерӯманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем.

Ин аст, муроҷиати ман ба шумо – мардуми азизу шарафманди Тоҷикистон, вакилони мақоми олии қонунгузори мамлакат, аъзои Ҳукумат ва кулли хизматчиёни давлатӣ!

**Ба ҳар кадоми шумо, вакилони халқ, ҳозирини гиромӣ ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистон саодати рӯзгор ва барори кору комёбӣ орзумандам!**

**Ҳамеша сарфарозу сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!**

# МАВОДИ КОНФРОНСИ ИЛМИЮ АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО», 2-3 НОЯБРИ СОЛИ 2018

# СУХАНРОНИИ РЕКТОРИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АБДУХОЛИҚЗОДА Л. ДАР КОНФРОНСИ ИЛМИЮ АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО», 2 НОЯБРИ СОЛИ 2018

**Муҳтарам иштирокчиёни конфронс!**
**Меҳмонони арҷманд!**
**Хонумон ва ҷанобон!**

Иҷозат диҳед ташрифи шуморо ба чунин як чорабинии муҳими илмию амалӣ, ки дар муҳити илмии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, бо камоли мамнуният хайрамақдам гӯям.

Баргузории чунин ҳамоишҳои илмӣ барои ҳамаи мо имкон медиҳад, ки доир ба масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ мубодилаи афкор намоем, аз пешниҳоду андешаҳои арзишманд баҳравар гардем ва афкору таҷрибаи пешқадамро мавриди татбиқ қарор диҳем. Бешубҳа чунин иқдоми мову Шумо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ба мардум ва бо ҳадафҳои рушди низоми ҳаёти ҷомеа равона шудааст.

Конфронси имрӯза ба мавзӯи басо муҳим - «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар даврони муосир: ҳолат ва дурнамо» бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки дар кори конфронси имрӯза мутахассисони варзида ва коршиносони соҳаи идоракунии давлатӣ на танҳо аз муассисаву марказҳои гуногуни илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки аз Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Беларус, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, коршиносон ва олимони варзидаи соҳа иштирок доранд.

Бинобар ин, бо камоли эҳтиром ташрифи меҳмонони олиқадрро ба Тоҷикистон хайра мақдам мегӯям. Иштироки мутахассисони варзида ва воломақом дар ин ҳамоиши илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳ ба ин чорабинии илмӣ ва масъалаҳои дар он муҳокимашаванда хеле зиёд аст.

Ман инчунин аз намояндагии Фонди Ҳанс Зайдели Ҷумҳурии Федеролии Олмон, шахсан, аз ҷаноби Макс Георг Майер барои мусоидату дастгирӣ дар баргузории ин ҳамоиши илмӣ изҳори сипос менамоям.

**Муҳтарам ширкаткунандагони конфронс!**

Дар фазои осоиши комил ва сулҳу субот Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона бо қадамҳои устуворона рушд карда истодааст, ки чунин пешрафт бешубҳа ба комёбӣ ва пешрафти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ робитаи

ногусастанӣ дорад. Бо гузашти беш аз чоряк аср, барои мо имкон фароҳам гардид, ки дастовардҳо ва мушкилоти мавҷудаи имрӯзаро дар самти ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои гуногуни иҷтимоӣ, бахши хусусӣ ва умуман бо тамоми ҷамъият мавриди омӯзишу таҳқиқоти илмӣ қарор диҳем. Дар ин росто яке аз масоили мубрам ҳамоно робитаи илму истеҳсолот, назария ва амалия пеш меояд, ки зикри як нуктаи муҳим аз суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо зарур аст: «Бо вуҷуди дастовардҳои муайяни илмӣ, робитаи илм бо истеҳсолот, воридшавии инноватсия дар низоми илмӣ ва муҳимтар аз ҳама, рушди илмҳое, ки бо иқтисодиёти кишвар робитаи бевосита доранд, ҳамчун масъалаҳои мубрами рӯз боқӣ мондаанд».

Бинобар ин, яке аз самтҳои афзалиятноки конфроси илмию амалии мазкур низ ба масъалаҳои робитаи илм ва истеҳсолот ва умуман пайванди ногусастании назария ва амалия муаррифӣ мегардад. Маҳз дастовардҳои илмӣ метавонанд дурнамои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатиро ба тарзи дурусту асоснок пешбинӣ намоянд, ҳолати имрӯзаи онро дақику мушаххас баҳодиҳӣ кунанд. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёдро интихоб намуд, ки ин худ яке аз заминаҳои ташаккул ва рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар кишвар мебошад. Танзими муносибатҳо дар ин росто, бешубҳа ба фаъолияти самараноки хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ алоқаманд аст.

Бо мақсади боз ҳам беҳтару сифатнок ба роҳ мондани фаъолияти идоракунии давлатии самарбахш ва баланд бардоштани сифати хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марказҳои гуногуни таҳқиқотӣ ва муассисаҳои олии таҳсилоти касбӣ бо тамоми нерӯ пажӯҳишҳои арзишманд гузаронида истодаанд, зеро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва рушди тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ заминаи боэътимоди меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам намудааст. Дар ин ҳолат танҳо ташаббус ва ҷаҳду талоши муҳаққиқон ва мутахассисони варзидаву соҳибкасб барои комёбиҳо беҳтару бештар мусоидат хоҳад кард.

**Муҳтарам ширкаткунандагони конфронс, меҳмонони арҷманд!**

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ ва ба роҳ мондани ҳамкории мақомоти давлатӣ бо тамоми қишрҳои ҷомеа то имрӯз низ баъзе мушкилот ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дахлдори хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ба пешниҳодот ва тавсияҳои илман асосноки коршиносон, олимон, мутахассисони варзида ва кормандони собиқадори соҳаи хизмати давлатӣ зарурат дорад. Вобаста ба ин мехостам аз гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як нуктаи

муҳимро зикр намоям: «Мо аз олимони худ, бахусус аз олимони ҷавон умеди калон дорем, ки дар ояндаи наздик илмро дар асоси дастовардҳои инноватсионӣ ба истеҳсолоти ватанӣ васеъ татбиқ карда, бо ҳамин роҳ дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзишманди хешро мегузоранд». Омӯзиши таҷрибаи пешқадам чи дар сатҳи кишвар ва чи дар сатҳи байналмилалӣ вобаста ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ мувофиқи мақсад аст.

Мо умед дорем, ки шумо дар ҷараёни мубоҳисаҳои илмӣ дар ин конференсия барои рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон ва такмили роҳу воситаҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолият дар ин самт ба тавсия ва пешниҳодоти арзишманду илман асоснок комёб хоҳед гардид.

Дар охир барои шумо дар кори конфронс муваффақият ва сарбаландӣ таманно менамоям.

**Саломат бошед!**

# СУХАНРОНИИ МУШОВИРИ БАХШИ ЁРДАМЧИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ КАДРҲО ОЛИМШО МЕҲРӢ ДАР КОНФРОНСИ ИЛМИЮ АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО», 2-3 НОЯБРИ СОЛИ 2018

**Иштирокчиёни муҳтарами конфронс!**
**Меҳмонони арҷманд!**
**Хонумон ва ҷанобон!**

Ҳузури ҳамаи шумо, махсусан меҳмонони хориҷии моро дар конфронси илмию амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар замони муосир: ҳолат ва дурнамо», ки дар кишвари офтобии Тоҷикистон ва дар ин толори барҳаво баргузор мегардад, хайрамақдам мегӯям.

Мақсади асосии ҳамаи конфронсҳои баргузоршаванда ин аст, ки дар натиҷаи баҳсҳои илмӣ пешниҳод ва тавсияҳои асоснок таҳия ва дар амалияи таҳкими давлатдорӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки ҳайати иштирокчиёни конфронси сол аз сол афзун гардида, дар кори он мутахассисони варзида ва масъули соҳа аз марказҳои бонуфузи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии кишварҳои хориҷӣ иштирок менамоянд. Мисоли рӯшани ин он аст, ки дар кори конфронси мо меҳмонони гиромӣ аз Федератсияи Россия (аз филиалҳои Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатӣ дар шаҳрҳои Орёл ва Владимир, инчунин Донишгоҳи Бошқирдистон), Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ Ҷамъияти Германия оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) ва Филиали Ҷамъият оид ба ташкил, банақшагирӣ ва таълим (GOPA) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (лоиҳаи “Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ”(PDV), ҳамзамон меҳмонон аз мақомоти давлатӣ, олимону донишмандон аз марказҳои бонуфузи илмӣ ва макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузур доранд ва ҳамаи онҳоро ба ин ҳамоиши илмӣ самимона «хуш омадед»,- мегӯям.

Иштироки меҳмонони арҷманд аз он шаҳодат медиҳад, ки робитаи мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишкадаҳо ва академияҳои соҳавии кишварҳои хориҷӣ васеъ гардида, ҳамкасбони мо аз хориҷи кишвар ба ташаккул ва ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, дастовард ва мушкилоти соҳа, чорабиниҳои илмӣ ва масъалаҳои баррасишаванда таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

**Дӯстони азиз, меҳмонони гиромиқадр!**

Конфронси имсолаи мо дар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад ва ҳамзамон мо дар арафаи 24-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорем, ки дар бунёди давлатдории навини мо, аз ҷумла ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии кишварамон заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҳамзамон, истиқрори сулҳу субот дар Тоҷикистон барои таҳкими сохторҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ шароити мусоид фароҳам овард. Барои таҳкими низоми давлатдорӣ, ташаккули системаи муосири идоракунии давлатӣ ва татбиқи ҳадафҳои миллии Тоҷикистон зарур буд, ки низоми самараноки интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, механизми болоравии мансабӣ, баланд бардоштани касбияти онҳо ва шаффофияти дастгоҳи давлатӣ таъмин карда шавад.

**Иштирокчиёни муҳтарами конфронс!**

Баъд аз соҳибистиқлол шудани сарзамини Тоҷикистон дигаргуниҳои зиёд дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва масъалаҳои такмили низоми идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омаданд. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки тоҷикон анъанаҳои қадимаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ доранд. «Таърих гувоҳ аст, - менависад Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - ки дар тӯли ҳазорсолаҳо оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқироз, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст».

Ёдоварии ҳамин масъала кифоя аст, ки таҷрибаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар замони Сосониён (224-651м.) ва Сомониён(874-999м.) садҳо соли дигар баъд аз фурӯпошии ин давлатҳо дар дигар давлатҳои минтақа ба вижа дар Варорӯду Хуросони бузург истифода мешуд. Мо, бешубҳа, таҷрибаи ғании давлатдории ниёкони хешро пайваста меомӯзем ва онро ҳамчун асоси арзишӣ истифода мекунем. Аммо замона дар ҳоли тағйир аст, суннатҳои идоракунӣ ва технологияҳои идоракунӣ дар ҳоли таҳаввул қарор доранд. Бинобар ин, мусаллам аст, ки дар идоракунии давлатии миллӣ таҷрибаи идоракунии муосири кишварҳои пешрафта низ васеъ истифода гардида, як навъ пайвастагии анъанаҳо ва суннатҳо бо технологияҳои нави идоракунӣ роҳандозӣ мегардад.

Аз ин рӯ, ҳангоми ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ мо, пеш аз ҳама, заминаи нави меъёрии ҳуқуқии онро фароҳам сохтем.

Дар марҳилаҳои баъдӣ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо

дохил карда шуданд, ки ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа ва таҳкими давлатдории миллӣ нигаронида шуда буданд. Мувофиқи ин тағйирот дар Тоҷикистон ба бунёди Парлумони касбии доимоамалкунандаи дупалатагӣ асос гузошта шуд, ки он дар таҳкими давлатдории тоҷикон воқеаи муҳим ба шумор меравад.

Бо дарназардошти зарурати ташкили низоми муосири хизмати давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2001 Раёсати (айни замон Агентии) хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Баъд аз як сол дар назди Раёсати хизмати давлатӣ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва аз соли 2013 Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки имрӯз ба маркази муҳими на танҳо такмили ихтисос, балки тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои хизмати давлатӣ табдил ёфтааст.

Ҳамзамон, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 «Дар бораи татбиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳкими низоми идоракунии давлатӣ ва самаранокии хизмати давлатӣ заминаи мусоид ба вуҷуд овард. Амалисозии Стратегия барои фаъолияти устувор ва баланд бардоштани самаранокии системаи идоракунии давлатии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав аз 5 марти соли 2007 қабул гардид, ки дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил дода шуда, он заминаи воқеии ислоҳоти хизмати давлатиро муҳайё кард. Чунончи, вобаста ба ин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» ва аз 31 августи соли 2007 «Дар бораи тасдиқи Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуданд.

Воқеан, дар шароити ҳозира механизми муносиби идоракунии захираҳои инсонӣ дар тамоми соҳаҳо аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Сиёсати давлатии кадрҳо бевосита ба масъалаҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, аз қабили интихоб, тарбия, ҷобаҷогузорӣ, пешбарӣ ва истифодаи самараноки кадрҳо алоқамандӣ дорад. Дар ин раванд ҷиҳати амалӣ намудани Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи татбиқи он, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ гардидааст, чораҳои судманд андешида шуданд.

Бо мақсади амалӣ намудани Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани хизмати давлатӣ ворид намудани навгониҳо зарур буд. Яке аз навгониҳои идоракунии давлатӣ дар замони истиқлол ин таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба технологияҳои нави кадрӣ: аз қабили озмун,

аттестатсия, ротатсияи кадрҳо, ташкили захираи кадрҳо, ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ, баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ мебошанд, ки дар хизмати давлатӣ ва амалисозии сиёсати кадрӣ татбиқ мегарданд.

Ҳамин тавр, бо истифода аз арзиш ва суннатҳои анъанавӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон ислоҳоти ҷиддӣ амалӣ гардида ва минбаъд ҳам Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили он кӯшиш хоҳад кард. Конфронси имрӯза барои амалӣ гардидани муҳимтарин ҳадафҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои идоракунии пешқадами ҷаҳонӣ, ки ҷавобгӯ ба шароити иқтисоди бозорӣ ва дастовардҳои илму технологияи муосир бошад, заминаи боэътимод мегардад.

**Дӯстони арҷманд!**

Барои амалӣ намудани барнома ва нақшаҳои стратегӣ мо ба кадрҳои дорои донишҳои муосири идоракунӣ зарурат дорем. Аз ин рӯ, ҷиҳати тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, Ҳукумати кишвар бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Бо назардошти ин, дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол теъдоди донишҷӯён дар зинаи бакалавриат, магистратура, таҳсилоти дуюм ва шуъбаи ғоибона аз рӯйи ихтисоси "Идоракунии давлатӣ" меафзояд. Ҳамзамон, кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад, ки таҳсили инноватсионии хизматчиёни давлатӣ дар Донишкада ба роҳ монда шавад. Хизматчии давлатӣ бояд дорои донишу ҷаҳонбинии муосири ба талаботи ҷаҳони имрӯза ва идоракунии инноватсионии давлатӣ ҷавобгӯ бошад.

**Иштирокчиёни муҳтарами конфронс!**

Мо ба фикру андеша ва пешниҳодоти шумо диққати ҷиддӣ медиҳем ва ҳар як пешниҳоди муфид, ки барои баланд бардоштани самаранокии хизматчиёни давлатӣ ва ё такмили хизмати давлатӣ равона шуда бошад, мавриди истифода қарор хоҳем дод.

Боварии комил дорам, ки конфронси имрӯза пурмаҳсул ва самаранок мегузарад. Мо аз шумо, иштирокчиёни ҳамоиши илмӣ ва олимону донишманди муҳтарам, дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон таҳқиқоти нав ба навро интизор ҳастем. Иштирок, андешаю мулоҳиза, табодули афкор ва пешниҳодоти судманди шумо дар раванди татбиқи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, рушди минбаъдаи соҳаи хизмати давлатии Тоҷикистон заминаи боэътимод хоҳад шуд.

# СУХАНИ ТАБРИКИИ МУОВИНИ ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЮБӢ Б.О. ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ КОНФРОНСИ ИЛМИЮ АМАЛИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МАВЗӮИ «ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР: ҲОЛАТ ВА ДУРНАМО», 2-3 НОЯБРИ СОЛИ 2018

**Ҳозирини арҷманд, меҳмонони гиромӣ!**

Иҷозат фармоед, қабл аз ҳама, барои даъват ба ташкилкунандагони конференсияи имрӯза изҳори сипос намоям.

Ҳамзамон аз имконияти иштирок дар чунин чорабинии сатҳи баланд ва муҳокимаи масоили идоракунии давлатӣ ва соҳаи хизмати давлатӣ бо намояндагони марказҳои бонуфузи илмии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сарфарозам ва бо истифода аз фурсати мусоид ба ҳамкорони азизам-меҳмонони олиқадр, ки аз оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар самти табодули таҷрибаи соҳаи хизмати давлатӣ ва ташкили такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ бо мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои самарабахшро роҳандозӣ намуда, дар татбиқи ислоҳоти соҳаи хизмати давлатӣ мусоидат намудаанд, миннатдории худро баён менамоям.

Хизмати давлатии муосири Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди иҷтимоию сиёсӣ баробар бо соҳибистиқлолии Тоҷикистон асос ёфта, ташаккул ва рушди он ҳамчун яке аз рукнҳои асосии идоракунии давлатӣ аз Конститутсии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон ҳуқуқи баробарро барои дохил шудан ба хидмати давлатӣ кафолат медиҳад.

Ин меъёри Конститутсия ба моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад, ки дар он чунин пешбинӣ шудааст: «Ба ҳар як шаҳрванд дар кишвари худ бояд бе ҳеҷ гуна поймолкунӣ ва маҳдуднамоии беасос тибқи шарту шароити барои ҳама баробар ҳуқуқу имконияти иштирок кардан дар хизмати давлатӣ фароҳам гардад».

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нахустин маротиба соли 1998 ва дар таҳрири нав соли 2007 қабул гардида, ба ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ заминаи воқеӣ гузошт.

Бо мақсади тақвият бахшидани ниҳоди хизмати давлатӣ ва мусоидат барои рушди хизмати давлатии касбӣ бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, минбаъд соли 2013 ҷиҳати баланд бардоштани мақом ва нақши он ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Дар асоси Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ шудааст, самтҳои асосии фаъолияти Агентиро татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ, батанзимдарории меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ, назорати иҷрои қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ, ташкили курсҳои тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста ба масъалаҳои тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ ташкил медиҳанд.

Дар маҷмӯъ ташаккули хизмати давлатии Тоҷикистонро шартан ба се марҳилаи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: марҳилаи то ислоҳоти соҳа (солҳои 2001-2005), марҳилаи ислоҳоти соҳа (солҳои 2005-2011) ва марҳилаи рушди хизмати давлатии Тоҷикистон (солҳои 2011 то имрӯз).

Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №252 тасдиқ карда шудаанд, нақши муҳим доранд.

Барои амалисозии ислоҳоти мазкур ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани хизмати давлатии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташкилотҳои молиявии ҷаҳонӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ ва Иттиҳоди Аврупо ҳамкории судмандро роҳандозӣ намуд. Бояд таъкид кард, ки солҳои аввали истиқлолият душвориҳо хеле зиёд буданд. Низоми идоракунии давлатии замони шӯравҳам бар асари муноқишаҳои сиёсӣ тақрибан аз байн рафта буд. Он вакт миёни доираҳои сиёсии беруна ва шарикони доҳилии онҳо нақшаи қисмат намудани Тоҷикистон, пароканда сохтани миллат ва бо ҳамин роҳ аз байн бурдани давлатдории тоҷикон тарҳрезӣ мешуд. Вале халқи сарбаланду адолатпарвари тоҷик бар хилофи азму талошҳои гурӯҳҳои бегонапараст, нерӯҳои тундрави дохилӣ ва баъзе доираҳои манфиатдори хориҷӣ дар муддати начандон тӯлонӣ тавонист, зери парчами нангу номус ва ягонагии миллӣ ба ҳам омада, роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллиро интихоб намояд.

Бо мақсади аз фаношавӣ нигаҳ доштани миллат ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ моҳҳои ноябр-декабри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакат даъват гардид, ки он дар сарнавишти миллати мо нақши муҳиме бозид ва ба дӯши Сарвари давлат, ки бо амри тақдир дар замони задухӯрдҳои сиёсӣ зимоми давлатдориро ба даст гирифта буд, масъулияти бузургеро гузошт [2,.23].

Душвории фаъолияти минбаъдаи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ барои ҳукумати қонунии мамлакат дар он буд, ки нируҳои мухолифи сохти конститутсионӣ бо дастгирии хоҷагонии хориҷии худ дар дохил ва берун аз марзи кишвар халал мерасонданд. Бо ташаббус ва кӯшишҳои пайвастаи ҳукумат бо сарварии Роҳбари давлат гуфтушунид бо мухолифин барои ваҳдат ва истиқрори сулҳ оғоз гардид ва пас аз музокираҳои тӯлонӣ Созишномаи умумӣ дар барои истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Ин дастоварди нодиртарини тоҷикон дар даврони истиқлолият мебошад ва ҳоло таҷрибаи сулҳофарии халқи тоҷик аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба мактаби омӯзиш табдил ёфтааст. Баъд аз он фаъолияти тамоми шохаҳои фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонун барқарор гардида, мардуми кишвар роҳи бунёдкориву созандагиро пеш гирифт. Дар солҳои истиқлолият падидаву омилҳои сиёсиву таърихӣ ва иҷтимоиву фарҳангии миллиро дар марҳилаҳои гуногуни таърихи халқ мавриди омӯзиш қарор дода, бо дарназардошти таҷрибаи давлатсозиву давлатдории кишварҳои пешрафти ҷаҳон роҳи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунёвӣ пеш гирифта шуд ва дар ин раванд ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба вуҷуд омад [3.439].

Ногуфта намонад, ки дар кишвар пеш аз истиқлолият ҳам таҷрибаи калони идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон (Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон, вазоратҳо, съездҳо, иҷлосияҳо, пленумҳо, конфронсҳо, шӯрои вакилони халқӣ - олӣ ва маҳаллӣ: вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳотӣ, кумитаҳои иҷроия, суд, прокуратура, артиши ягона, кумитаҳои гуногун, комиссияҳо ва ғайраҳо) вуҷуд дошт, вале мутаассифона, бар асари мухолифатҳои сиёсӣ фаъолияти тамоми соҳаҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардида буд.

Дар шароити мураккаб ва душвортарин Сарвари навинтихобшудаи давлат зимоми давлатдориро ба даст гирифта, ба барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ шурӯъ намуда, бо масъулияти бузург шакли нави идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро дар Тоҷикистон созмон ва низоми онро ташаккул дод. Дар ин раванд анъанаҳои таърихии давлатдории пешинаи халқи тоҷик ба инобат гирифта шуда, такмили он, раванди ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайраро давра ба давра амалӣ гардониданд. Дар ин раванди асосӣ таҳаввулот ҳам вуҷуд дошт.

Аз душвортарин падида, ки асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад, ин таъмин намудани ҳамзистии намояндагони халқу миллатҳои гуногун дар як сарзамин дар асоси ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Дар идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, албатта, дастовардҳо бешуморанд, вале муҳимтаринашон ба шарофати истиқлолият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардидани халқи мо мебошад. Дар ин давра асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои нави идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд. Муҳимтар аз ҳама артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадӣ таъсис ёфта, ҳифзи сарҳадоти давлат таҳти назорати онҳо қарор гирифт.

Дар масъалаи идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аввалин хиштро Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ гузашта бошад, баъдтар қабули Конститутсияи кишвар соҳибистиқлолияти мамлакат онро мустаҳкам намуд. Дар ин давра нахуст аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи нави давлат қабул гардида, дар асоси он парламенти касбии иборат аз ду палата ба фаъолият оғоз намуд. Дар ин замина фаъолияти мақомати олии қонунгузор ва иҷроияи мамлакат таҳким ёфта, аввалин хиштҳои пойдеврии истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллӣ гузошта шуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди устувори давлату давлатдорӣ, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар

заминаи хушку холӣ ва фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз имкон берун буда, барои амалӣ намудани он вақт ва шароити муносиби иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зарур аст. Аз ин рӯ, давлат ислоҳоти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодиро вазифаи асосии ин давра эълон намуданд. Мақсади асосии идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар аз оғози даврони истиқлолият то ба имрӯз ҳадафи стратегии давлат ва ҳукумат мебошад. Дар ҳамин асос ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ густариш пайдо намуда, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат муайян карда шуданд.

Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати татбиқи минъбадаи ин ҳадафҳо ҳукумати кишвар азми қатъӣ дорад, ки масъалаҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин тақвияти иқтидори содиротии кишвар, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, беҳсозии вазъи бозори меҳнат ва рушди инсониро пайгирона ҳаллу фасл намояд.

Дар асоси ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ низоми он ташаккул дода шуда, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ислоҳоти худидоракунии маҳаллӣ ба вуҷуд омада, он ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангӣ таъсири калон расонид. Дар натиҷаи амалӣ гардидани ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ фазои мусоид ба вуҷуд омад, ки раванди ислоҳот ва рушди бонизоми иқтисодии миллӣ мунтазам идома ёфта, тадбирҳои андешидаи ҳукумат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум бемайлон татбиқ карда шаванд. Мазмун ва моҳияти ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҳам аз ин иборат мебошад. Масалан, дар натиҷаи он дар ин замина ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалкунанда аз соли 1997 то 2012 58 баробар зиёд шуда, соли 2011 тақрибан 30 миллиард сомониро ташкил кард, ки қариб ба 4000 сомонӣ ба ҳар сари аҳолии кишвар баробар мебошад ва афзоиши миёнаи солонаи он беш аз 7 фоизро ташкил медиҳад. Агар ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ ба сари ҳар нафар аҳолии кишвар дар соли 1997 ҳамагӣ 19,8 сомониро ташкил карда бошад, пас он дар соли 2011 – 1060 сомониро ташкил кард. Яъне маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба соли 1997 – ум 43 баробар ва дигар нишондиҳандаи муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар – даромади буҷети давлатӣ ба сари ҳар нафар аҳолии мамлакат аз соли 1998 тадриҷан, афзоиш ёфта, соли 2011 қариб 54 баробар зиёд гардид, ҳоло бошад бо зиёдтар шуд [4, 2].

Дар асоси дуруст идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ соли 2017 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ(ММД) ба ҳар нафар аҳолӣ нисбат ба соли гузашта 12% ва дар муқоиса бо нишондиҳандаи пешбинишудаи барномавӣ 8% зиёд гардида, даромади пулии аҳолӣ 10% афзоиш ёфт. Рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ (саноат - 21,5%, кишоварзӣ - 7,2%, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ беш аз 6, савдои чакана 6,6 ва хизматрасонии пулакӣ 1,8% таъмин гардида, таварум дар сатҳи 6,3% нигоҳ дошта шуд. Қисми даромати буҷети давлатӣ, дар маҷмӯъ иҷро шуда, ҳаҷми буҷети соли 2018 ба маблағи 21, 3 млрд сомонӣ ва назар ба соли 2017-ум 7,3% зиёд муайян гардидаст. Дар 11 моҳ содирот нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35,4% афзоиш ёфта, воридот 10% кам шудааст.

Дар 5 соли охир маблағгузории соҳаҳои маориф аз буҷети давлатӣ 2,3 баробар ва тандурустӣ 2,1 баробар зиёд шуда, с.2017 нисбат ба соли.2016 мутаносибан 16% ва 25% афзоиш ёфтааст[5,12].

Дастгирии ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, инчунин тадриҷан зиёд кардани андозаи маошу нафақаи аҳолии кишвар ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум аз ҷумлаи ҳадафҳои асосиии идоракунии давлатӣ мебошад. Музди миёнаи меҳнат дар кишвар соли 2011 нисбат ба соли 1997-ум 89 баробар зиёд гардида, тайи солҳои 2006-2012 он 6 баробар афзоиш дошт, айни замон беш аз 440 сомониро ташкил медиҳад ва андозаи миёнаи нафақа 118 баробар афзудааст, сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат 30 фоиз паст шуда, вазъи иқтисодиву иҷтимоии зиёда аз ду миллион нафар сокини мамлакат беҳтар гардид. Аз 1 сентябри соли 2018 музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендияҳо 15 %, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10% зиёд карда мешавад. Дар 13 соли охир даромади буҷети давлатӣ аз 109 млн. сомонӣ соли 1997, соли 2011 ба 8,3 млрд. сомонӣ расид, ки ин рақам нисбат ба зикршуда 76 баробар зиёд аст. Ҳаҷми буҷети соли 2018 ба маблағи 21, 3 млрд сомонӣ ва назар ба соли 2017-ум 7,3% зиёд муайян гардидааст. Ҳаҷми буҷетҳои маҳаллӣ дар соли .2017 ба 5,3 млрд сомонӣ расида, дар он ҳиссаи дастгирӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ 16,7 %-ро ташкил намуд. Дар ин давра ҳукумат як силсила барномаҳои сармоягузории давлатиро таҳия ва қабул кард, ки дар онҳо ба соҳаҳои энергетика, нақлиёт, коммуникатсия, маориф, тандурустӣ ва кишоварзӣ афзалият дода шудааст.

Яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии давлат рушди саноат буда, ҳоло истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли 1997 беш аз 2,5 баробар афзоиш ёфта, пешрафти назарраси бахшҳои саноати сабук, металлургия, хӯрокворӣ, истеҳсоли таҷҳизот, саноати химия ва масолеҳи сохтмон ба даст омадааст. Агар дар соли 1991 миқдори корхонаҳои хусусиву ғайридавлатӣ ҳамагӣ 2400 адад бошад, пас дар натиҷаи(ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ) амалишавии сиёсати дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ шумораи корхонаҳои хусусиву муштарак дар соли 2011 ба 18 680 адад расидааст, яъне қариб 8 баробар

зиёд гардидааст. Танҳо дар 10 соли ахир шумораи онҳо аз 10 600 то ба 18 680 зиёд гардидааст, беш аз 90 ҳазор ҷойи корӣ таъсис гардида, имрӯз зиёда аз 40 фоизи маҳсулот дар бахши хусусӣ истеҳсол карда мешавад. Дар давоми 7 соли охир (2006-2013) 1600 корхонаҳои истиҳсолӣ (50 ҳазор ҷойи корӣ) сохта шудааст. Дар соли 2017 150 корхонаи саноатӣ бо таъсиси 3 ҳазор ҷойи кор бунёд ва ба истифода супорида шуд.

Системаи энергетикии кишвар ҳам густариш ёфта, ба ҳадафи истиқлолияти энергетикӣ анқариб баъди ба истифода додани агрегати якуми НБО Роғун расидан дур нест. Солҳои охир дар мамлакат зиёда аз 260 нерӯгоҳи хурду миёнаи барқи обӣ, инчунин хатҳои баландшиддати интиқоли барқ бунёд гардида, шабакаи ягонаи энергетикии мамлакат ба вуҷуд оварда шуд. Ҳоло корҳои сохтмону таҷдид дар иншооти азиму стратегии кишвар – нерӯгоҳҳои обии Роғун, Сангтӯда-2, инчунин нерӯгоҳҳои хурду миёна дар ҳавзаи дарёҳои Вахшу Зарафшон ва Варзоб, аз ҷумла нерӯгоҳи Норак босуръат идома доранд. Бо мақсади таъмини рафтуомади доимии маруми қисматҳои гуногуни кишварамон мо дар даврони истиқлолият як қатор шоҳроҳҳо (2200 км), 5 нақб (31 км), роҳҳои оҳан ва пулҳоро (200), мавриди истифодаи умум қарор додем. Рушди инфраструктураи нақлиёт ташкил карда шуд.

Дар замони истиқлолият илму маориф ва фарҳанг ба як рукни муҳими иҷтимоӣ табдил ёфта, ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат эътироф гардиданд. Зеро ин падидаҳои бузурги башарӣ дар ташаккули маънавии ҷомеа хизмат намуда, дар тарбияи насли наврас, шинохти рисолати таърихӣ, густариши эҳсоси ватандорӣ ва худшиносиву худогоҳии миллӣ таъсири амиқ мегузоранд. Дар ин самт Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба ҷорӣ намудани низоми нави таҳсили миёнаи умумӣ, ворид сохтани технологияҳои нав дар ҷараёни таълим ва истифодаи усулҳои замонавӣ барномаҳои махсус қабул намуд, ки онҳо барои мутобиқ гардидани сатҳу сифати дониши хонандагон ба талаботи меъёрҳои ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар соҳаи таҳсилот ба имзо расид, Созишнома дар барои эътирофи маълумоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Авропо ба шумор меравад. Ҳуҷҷати мазкур ба хатмкунандагони мактабҳои олии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар давлатҳои Аврупо низ кору фаъолият карда, донишу таҷрибаи худро таҳким бахшанд.

Мақому манзалати ҳар миллат ба андозаи саҳми он дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ ва маънавияти башарӣ, илму адаб, ҳунару санъат ва пурғановат сохтани махзани арзишҳои олии инсонӣ муайян карда мешавад. Дар ин самт тамаддуни мардуми ориёинажод, мероси маънавии аҷдоди фарҳангсозу фарҳангпарвари мо яке аз пояҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Ворид гардидани маҷмааи ёдгориҳои таърихии Саразм(ва дигар ёдгориҳои таърихӣ) ба феҳрасти мероси умумҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО худ як дастоварди бузург ва эътирофи қадру манзалати мероси ниёгони мо дар тамаддуни башарӣ мебошад. Ҷашни байналмилалӣ эълон гардидани

Наврӯзи Аҷам ба рушди минбаъдаи фарҳанги мо ва афзудани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон такони тазае бахшид.

Таҳкими сулҳу созгории миллат, тантанаи ваҳдат ва ҳамгироии қавму халқҳои Тоҷикистон аз ҷумлаи хизматҳои таърихии Президенти кишвар мебошанд, ки ба эъмори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунёвӣ ва иҷтимоӣ вусъати тоза бахшида раванди созандагиву бунёдкориро густариш дод. Эҳёгари Тоҷикистони соҳибистиқлол, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – тавонист, ки дар дохили кишвар ба ҳама гуна низоъ ва душманӣ хотима бахшаду дар сиёсати хориҷӣ давлатеро ба номи Тоҷикистон сазовор муаррифӣ намояд. Эмомалӣ Раҳмон – миллатро наҷот доду давлатдории миллиро таҳким бахшид. Президенти кишвар дар яке аз суханрониҳои худ қайд намуда буд, ки «Дар шароити ниҳоят печидаи ҷаҳони муосир ва таҳаввулоти босуръати солҳои охир такмилу тақвият бахшидан ба фаъолияти тамоми сохтору мақомати давлатӣ, таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва бо ҳамин роҳ фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста барои ҳар як фарди ҷомеа ҳадафи асосии мо мебошад. Вазифаи муҳимтарини мо ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф, тарбияи шахсияти худшиносу ватандӯст, дорои масъулияти баланди иҷтимоӣ, соҳиби донишу ҷаҳонбинии муосир ва ниҳоят шахсияте мебошад, ки қобилияти шинохти равандҳои мураккаби ҷаҳони имрӯзаро дошта бошад. Бинобар ин, мо раванди таълиму тарбияро самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат қарор дода, ҳамаи тадбирҳои заруриро дар ин самт амалӣ гардонида истодаем».

Хулоса, ташкил ва ташаккули низоми идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ислоҳоти он, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин раванд, ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар ин масъалаҳои муҳим дар асоси анъанаҳои таърихӣ дар даврони муосир амалӣ гардида, натиҷаҳои он барои рушди иқтисодиёт, барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ёрии калон мерасонад.

**Адабиёт:**


1. Ваҳдат – ормони олии миллат.-Хуҷанд, 2016.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.-Душанбе,1996.
3. Хайдаров Г.Х. История таджикского народа XX век.-Худжанд, 2001.
4. Согдийская правда. 10.09.2011.Народная газета.26.02.2014. 29.08.2018.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.22.12.2017.-Душанбе, 2017.- 40с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият ифтихору номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллат мебошад. Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 20-солагии Истиқлолият. 8 сентябри соли 2011.-Ҳақиқати Суғд., 10.09.2011.

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ КАК ПРОБЛЕМА ПОЗНАНИЯ

***Зинченко Геннадий Павлович*** *– д. ф. н., профессор, заведующий кафедрой социологии Южно-Российского института управлении-филиала Российской академии народного хозяйства и государственной службы при Президенте РФ, заслуженный деятель науки РФ*

***Зинченко Ярослава Геннадиевна*** *– к.с.н., доцент кафедры социологии Южно-Российского института управления - филиала Российской академии народного хозяйства и государственной службы при Президенте РФ*

Авторы статьи убеждены, что многообразие эмпирических проявлений управления породило в литературе множество дефиниций. Например, термин «*управление»* в широком смысле слова чаще всего определяется как сознательно организованное взаимодействие людей для достижения общих целей. Термин «управление» используется также и в более узком смысле применительно к частной и государственной сферам. В первом случае принято говорить о *менеджменте* (бизнес-управлении), а во втором – об *администрировании* (государственном управлении).

***Ключевые слова****: государственное управление, менеджмент, разделение функций, продуктивная цель, свойства регуляции, согласование интересов, социальная группа, формирование госбюджета, подготовка директив, прогнозирование, стратегическое планирование, продукт деятельности*

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН ПРОБЛЕМАИ МАЪРИФАТ

***Зинченко Геннадий Павлович*** *– д.и.ф., профессор, мудири кафедраи сотсиологияи Донишкадаи Ҷануби Россиягии идоракунӣ - шуъбаи Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, арбоби шоистаи илми Федератсияи Россия*

***Зинченко Ярослава Геннадиевна*** *– н.и.с., дотсенти кафедраи социологияи Донишкадаи Ҷануби Россиягии идоракунӣ - шуъбаи Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия*

Муаллифони мақола муътақиданд, ки гуногунии зуҳуроти эмпирикии идоракунӣ дар адабиёт таърифҳои сершуморро ба миён овард. Масалан, истилоҳи «*идоракунӣ»* ба маънии васеи калима, бештар аз ҳама, ҳамчун ҳамкории бошуурона ташкилшудаи одамон барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ муайян карда мешавад. Истилоҳи «идоракунӣ», инчунин ба маънии бештар маҳдуд ба соҳҳаҳои давлатӣ ва хусусӣ корбаст мегардад.Дар ҳолати аввал сухан дар бораи *маъмурикунонӣ* (идоракунии давлатӣ) ва дар ҳолати дувум дар бораи *менеҷмент* ( идоракунии тиҷорат) меравад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *идоракунии давлатӣ, менеҷмент, тақсими вазифаҳо, ҳадафи маҳсулнок, хислати танзим, тавофуқи манфиатҳо, гурӯҳи иҷтимоӣ, ташаккули буҷети давлатӣ, омодасозии дастурҳо, пешгӯӣ, банақшагирии стратегӣ, маҳсули фаъолият*

## PUBLIC ADMINISTRATION AS A PROBLEM OF KNOWLEDGE

***Zinchenko Gennady Pavlovich*** *– Doctor of Philosophy, Professor, Head of the Department of Sociology, South-Russian Institute of Public Administration – a branch of the Russian Academy of National Economy and Public Administration under the President of the Russian Federation, Honored Scientist of the Russian Federation*

***Zinchenko Yaroslava Gennadievna*** - *PhD in Social Sciences, Associate Professor of the Department of Sociology of the South-Russian Institute of Public Admінitration - a branch of the Russian Academy of National Economy and Public Administration under the President of the Russian Federation*

The authors of the article are convinced that the diversity of empirical manifestations of management has generated many definitions in the literature. For example, the term “management” in the broad sense of the word is most often defined as the consciously organized interaction of people to achieve common goals. The term “governance” is also used in a narrower sense as applied to the private and public spheres. In the first case, it is customary to talk about management (business management), and in the second - about administration (public administration).

***Keywords:*** *public administration, management, division of functions, productive goal, regulation properties, coordination of interests, social group, formation of the state budget, preparation of directives, forecasting, strategic planning, product of activity*

Термин «государственное управление» стал очень популярным. Только в сети Интернет находится 38 тыс. результатов на запрос по этой теме. Масштабы его интерпретации в дискурсивных практиках вызывают затруднения в понимании сущности данного явления. Здесь требуется концептуальное мышление, которое позволяет рассмотреть всё многообразие точек зрения, чтобы свести их в итоге к методологическому конструкту исследования проблемы.

Управление как познавательная проблема возникла примерно 100 лет назад в США, после его институционального отделения от собственности и власти. Укрупнение бизнеса привело к разделению функций предпринимателя и управленца. Теоретическое обобщение практики бизнес-управления Ф. Тейлором стимулировало возникновение научного менеджмента. Усложнение государственной деятельности вызвало

разграничение функций политика и администратора. Применение научных методов управления, независимых от политических пристрастий, в практике правительства В. Вильсоном дало толчок к развитию теории публичного администрирования.

В постсоветских странах процесс институционализации управления только начинается. В связи с возрождением частной собственности менеджмент постепенно отделяется от бизнеса. Что же касается государства, то в нём до сих пор не удается «оторвать» управление от власти. Государственный механизм функционирует в единой бюрократической структуре. Каждый уровень вертикали власти использует административный ресурс, а каждый уровень управленческой вертикали обладает определённым объёмом властных полномочий.

Многообразие эмпирических проявлений управления породило множество дефиниций. *Управление* в широком смысле слова чаще всего определяется как сознательно организованное взаимодействие людей для достижения общих целей. Термин «управление» используется также и в более узком смысле применительно к частной и государственной сферам. В первом случае принято говорить о *менеджменте* (бизнес-управлении), а во втором – об *администрировании* (государственном управлении).

С обыденной точки зрения администрирование носит «бюрократический», а менеджмент – «деловой» характер. На самом деле разница состоит в том, что менеджеры воздействуют на социальные организации (предприятия, учреждения и т.п.), цели которых задаются **извне**, а администраторы – на территориальные социальные общности (страна, регион, город, деревня), цели, которых формируются **изнутри.**

Следует отметить, что термин «государственное управление» трактуется расширительно: не только как управление делами государства, но и делами общества. Такой подход унаследован от советского прошлого, когда государству принадлежала, чуть ли не вся собственность страны, и оно управляло всеми сферами жизни людей.

Современные постсоветские государства не управляет бизнес-структурами, муниципальными предприятиями и некоммерческими организациями. Отношения с ними строятся на основе партнёрства. Государственное управление связано с обществом лишь частично, а именно: с государственным (публичным) сектором экономики; национальной инфраструктурой; службами, агентствами, учреждениями и организациями, подведомственными органам исполнительной власти; государственными корпорациями, а также предприятиями, акции которых принадлежат государству. Поэтому применительно к делам государства точнее использовать термин «управление», а к делам общества – «администрирование».

В современной литературе используется термин «управленческие способности государства», который обладает определённой концептуальной нагрузкой. В исследованиях классической науки

управление определяется как воздействие субъекта на объект. Понятие «воздействие» до сих пор чаще всего используется в трактовке государственного управления, как способность подчинить, заставить людей действовать для достижение продуктивной цели [1, 293]. С точки зрения постнеклассической науки различаются свойства воздействия и свойства регуляции. При этом только в обществе целевое воздействие и механизм его регуляции могут выполняться разными субъектами [2, 160-161]. Под регулятивным механизмом любого типа (политического, управленческого, правового, социокультурного и т.п.) подразумеваются особые виды деятельности, направленные не на достижение продуктивной цели, а на поддержание социального порядка, устойчивых отношений между людьми, благодаря чему осуществляются продуктивные результаты.

В современной социологии выделяется теория социального действия *Т. Парсонса*, в которой он впервые подошёл к проблеме механизма управления социальной системой, предложив схему четырёх уровней её структурной организации: 1) первичный; 2) менеджериальный; 3) институциональный; 4) социетальный [3. 34].

Показателем структурной организации первичного уровня является непосредственное взаимодействие индивидов. Поскольку здесь статусы людей, их права и обязанности определены полностью, то их отношения требуют минимума контроля.К менеджериальному уровню организации относится бюрократия. Здесь выделяются следующие сферы действий: а) посредничество между потребителем и первичной (технической) организацией; б) приобретение средств, необходимых для производства, материалы, оборудование, кадры; в) наблюдение и контроль над первичными звеньями организации.

Институциональный уровень представлен «попечительскими советами», «советами директоров», «членами правлений», т.е. дилетантами в вопросах, которыми занимаются управленцы, но вместе с тем способными определить, какой тип функций следует выполнять в заданных условиях.

Социетальный уровень Парсонс выражает в политических понятиях: «Здесь возможен только единственный центр, в котором могут быть собраны все основные проблемы интеграции. Через свои органы юридической системы, через отношение к национальной безопасности и различные другие функции правительство в национальном масштабе создаёт основной костяк организации на уровне общества в целом» [4, 40].

Современная государственная деятельность в постсоветских странах предстаёт как система регулятивного действия по поддержанию социального порядка в обществе. Это метадеятельность, т.е. особое рациональное действие, надстроенное над другой деятельностью. К формам такой деятельности относятся руководство, управление и администрирование.

*Руководство* – программно-регулятивная сфера общества. Руководящей, т.е. направляющей деятельностью занимаются лица, замещающие государственные должности. Их принято причислять к политической бюрократии. Они олицетворяют государственную власть. К направляющему виду деятельности относятся, например, согласование интересов различных социальных групп, формирование госбюджета, разработка государственных программ, подготовка директив, прогнозирование, стратегическое планирование и т.д.

Обеспечение исполнения полномочий государственных органов по реализации политических решений составляет содержание деятельности людей, замещающих должности государственной гражданской службы. М. Вебер утверждал, что подлинной профессией настоящего чиновника не может быть политика. Sine ira studio – без гнева и пристрастия должен он вершить дела. Чиновнику не следует делать именно того, что всегда необходимым образом делает политик – бороться [5, 666].

Лиц, замещающих должности гражданской службы, принято, относить к профессиональной бюрократии. Она обслуживает интересы общества посредством администрирования, а также интересы государства, выполняя функции управления. Этими видами государственной деятельности занимаются категории руководителей, специалистов и обеспечивающий персонал.

*Управление* – организационно-регулятивная сфера общества. Оно связано с публичным сектором экономики: унитарными предприятиями и учреждениями, акциями различных компаний (в том числе с контрольным пакетом акций), недвижимостью в своей стране и за рубежом. Публичный сектор играет ключевую роль на транспорте и связи, в топливно-энергетическом комплексе, добыче драгоценных металлов и камней, военной технике и др.

*Администрирование* – контрольно-регулятивная сфера общества. Оно представляет собой интегральный системный механизм программируемого регулятивного действия по поддержанию социального порядка в территориальных общностях страны, регионов, городских и сельских поселениях. Функционирование этого механизма задано политическими программами, реализация которых осуществляется посредством нормоконтроля. Административные структуры имеют право совершать волюнтаристские действия по решению вопросов физических и юридических лиц, не подчинённых государству в пределах закона и своих надзорных полномочий. Это так называемые дискреционные полномочия.

Проведённый анализ убеждает в том, что деятельность государственной бюрократии многообразна. Это вызывает необходимость выработки критериев её разграничения (табл.).

**Таблица**

***Критерии разграничения государственной деятельности***

| Критерии разграничения | Виды государственной деятельности | | |
|---|---|---|---|
| | Руководство | Управление | Администрирование |
| Органы деятельности | Министерства | Агентства | Службы |
| Ориентация | Интересы государства и общества | Интересы государства | Интересы общества |
| Субъекты деятельности | Политическая бюрократия | Профессиональная бюрократия | Профессиональная бюрократия |
| Объекты деятельности | Поселенческие общности, государственные органы | Государственные организации | Поселенческие общности |
| Предметная область | Политические отношения | Управленческие отношения | Административные отношения |
| Содержание деятельности | Программно-регулятивная | Организационно-регулятивная | Контрольно-регулятивная |
| Средства деятельности | Полномочия | Функции | Компетенции |
| Характер деятельности | Правящий, Публичный | Управляющий, Ведомственный | Направляющий, Публичный |
| Продукты деятельности | Политические решения | Управленческие решения | Административные решения |

Таблица наглядно показывает основания для институционального разграничения регулятивных форм государственной деятельности. Как видно, одни чиновники программируют эту деятельность, другие организовывают исполнение программ, третьи – обеспечивают контроль их реализации. Это позволяет понять специфику профессиональной деятельности гражданских служащих, вектор её развития.

**Литература:**

1. Атаманчук Г.В. Теория государственного управления: Курс лекций – М., 2004. – С. 293.

2. Тихонов А.В. Социология управления. Теоретические основы / Изд. 2-е, доплненное и перераб. / А.В. Тихонов. М., 2009. С.160-161.

3. Парсонс Т. Общетеоретические основы социологии // Социология сегодня. Проблемы и перспективы: Сб. статей. М.. 1965. С. 34, 40.

4. Вебер М. Политика как призвание и профессия // Избранные произведения. М., 1990. С. 666.

# ПАЖӮҲИШИ АВЗОИ СИЁСӢ ВА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ АФҒОНИСТОН ДАР ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX ДАР ОСОРИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ

***Қодиров Довар Саидаллоевич*** **-** *муаллими калони кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Тел.: (+992) 987103625, e-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru*

Муаллиф дар мақола масъалаи пажӯҳиши авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX- ро дар осори Ҳақназар Назаров яке аз муҳаққиқони варзидаи таърихи Афғонистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҳарчанд Ҳ.Назаров тамоми марҳилаҳои таърихи Афғонистонро ба риштаи таҳқиқ кашида бошад ҳам, аммо дар пажӯҳиши ӯ, авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистони охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҷойгоҳи намоёнро ишғол намудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *авзои сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, қудратҳои ҷаҳонӣ, нақшаҳои истилогарона, ҷанги ватанӣ, хазинаи амир, низоми судӣ, ислоҳоти куллӣ, маҳкамаи шаръӣ, ҷунбишҳои оммавӣ, ҷинояти давлатӣ, таҳлили пурра*

# ИССЛЕДОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ ОБСТАНОВКИ И ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ АФГАНИСТАНА КОНЦА XIX И НАЧАЛА XX ВЕКА В ТРУДАХ ХАКНАЗАРА НАЗАРОВА

***Кодиров Довар Саидаллоевич*** *– старший преподователь кафедры государственного управления Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, 734003, г. Душанбе, улица Саида Носира 33, тел.: (+992) 987103625, e-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru*

Автор в статье рассматривает вопросы изучения политической обстановки и государственного управления Афганистана конца XIX и начала XX века в научных трудах известного исследователя истории Афганистана Хакназара Назарова. Автор статьи подчеркивает, что, несмотря на то, что Х.Назаров занимался исследованием всех периодов истории Афганистана, однако изучение политической ситуации и государственного управления Афганистана конца XIX и начала XX века занимает в исследованиях ученого особое место.

***Ключевые слова:*** *политическая обстановка, государственное управление, мировые державы, захватнические планы, отечественная война, казна эмира,*

*судебная система, всеобщая реформа, шариатский суд, всеобщеее выступление, государственное преступление, полный анализ*

## RESEARCH OF THE POLITICAL SITUATION AND PUBLIC ADMINISTRATION OF AFGHANISTAN AT THE END OF THE 19-th AND THE BEGINNING OF THE 20-th CENTURY IN THE WORKS OF HAQNAZAR NAZAROV

***Qodirov Dovar Saidalloevich*** - *Senior Lecturer, Department of Public Administration, Institute of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir str., 33 phone: (+992) 987103625, e-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru*

The author of the article examines the study of the political situation and public administration of Afghanistan in the late nineteenth and early twentieth centuries in the scientific works of the famous researcher of the history of Afghanistan Haqnazar Nazarov. The author of the article emphasizes that despite the fact that H. Nazarov was engaged in the study of all periods in the history of Afghanistan, however, the study of the political situation and public aministration of Afghanistan in the late nineteenth and early twentieth centuries occupies a special place in the research of the scientist.

***Keywords:*** *political situation, state administration, world powers, aggressive plans, patriotic war, emir's treasury, judicial system, general reform, Sharia court, general disgrace, state crime, full analysis*

Ховаршиноси шинохтаи тоҷик, омӯзгори варзида, аълочии маорифи ҷумҳурӣ, Арбоби шоистаи илм ва техника, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ҳақназар Назаров бо як нигоҳи тозаи илмӣ авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистонро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори гаронбаҳои худ мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Устод Ҳақназар Назаров агарчанде тамоми марҳилаҳои таърихии инкишофи давлатдории Афғонистонро ба риштаи таҳқиқ кашида бошад ҳам, аммо дар маркази пажӯҳиши ӯ, авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистони охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар замони амир Абдурраҳмонхон ва Ҳабибуллохон ҷойгоҳи намоёнро ишғол намудааст. Зеро пажӯҳиши мавзӯи мазкур бахше аз рисолаи доктории Ҳақназар Назаров маҳсуб меёбад. Мо низ дар ин мақола ба осори муҳаққиқ такя намуда, онро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Агар ба авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар осори Ҳақназар Назаров назар намоем, маълум мегардад, ки ин кишвар дар ин замон ба мушкилоти зиёде дар

ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ дучор гардида буд. Зеро аз оғози асри XIX сиёсати идоракунии давлатии Афғонистон дар зери истилои қудратҳои ҷаҳонӣ хосса Британияи Кабир ва Россияи подшоҳӣ роҳандозӣ шуда буд. Баъд аз ҷанги якуми ватании солҳои 1838-1842 боз ин кишвар ба ҷанги дуюми ватанӣ дар солҳои 1878-1880 кашида мешавад. Аммо ин ҷанг низ бо пирӯзии мардуми Афғонистон ба анҷом мерасад.

Дар ин замина профессор Ҳақназар Назаров чунин андешаро баён менамояд: «...ҷанги дуюми ватанӣ, ки аз моҳи ноябри соли 1878 то сентябри соли 1880 - муддати як солу нуҳ моҳ давом кард, ба охир расид ва нақшаҳои истилогаронаи англисҳоро барбод дод...» [4,225].

Перомуни ҷанги аввал ва дуюми Афғонистон дар байни муҳаққиқони соири илмҳои ҷомеашиносӣ ақидаҳои мухталиф садо медиҳад. Роҷеъ ба ин ҷангҳо устод Ҳақназар Назаров низ андешаҳои судманди худро дар осори бунёдии худ баён доштааст[1;2;3;4]. .

Маҳз, ҷангҳои ватании якум ва дуюм дар Афғонистон сабаб гардиданд, ки хиёнат ва муросокории табақаи ҳокими мамлакат бо англисҳо ошкор ва саҳми воқеии халқи заҳматкаш дар ин давра муайян гардид.

Тавре ки аз мутолиа ва таҳлили осори Ҳақназар Назаров маълум мегадад, натиҷаи аз ҳама муҳимми муборизаи фидокоронаи мардуми Афғонистои дар давраи ҷангҳои ватанӣ аз он иборат шуд, ки тамоюлоти ваҳдат ва ягонагии миллӣ ва марказиятхоҳӣ қувват гирифт ва Афғонистон минҳайси меҳани муштараки тоҷикҳо, паштунҳо, ҳазораҳо, ӯзбекҳо ва ғайраҳо шинохта шуд... [4,227].

Аммо дар солҳои минбаъда меҳнати пешвоёни шӯриш, ки фидокории зиёде дар рафти ҷангҳо ба муқобили истилогарони англис карда буданд, аз ҷониби амир Абдурраҳмонхон қадр нагардид ва нисбат ба онҳо таъқиботи сахт ҷорӣ карда шуд. Ин ҳолат ба он оварда расонд, ки як муддати тӯлонӣ истиқлолияти сиёсии Афғонистон зери суол боқӣ монд. Бешак, амир Абдурраҳмонхон тамоми шартҳои вазнин ва сангини шартномаи Гандумакро тасдиқ кард.

Қудратҳои ҷаҳонӣ Англия ва Русия дар солҳои 90-уми асри XIX барои муайян сохтани хатти сарҳад ҳайати муштараки русӣ-англисӣ созмон доданд ва онро таъйин ва тасдиқ карданд. Дар ин замина таъйин ва тасдиқи хатти сарҳади шимоли Афғонистон, таъйин ва ташхиси марзи шарқӣ ва ҷанубии Афғонистон, ки ҳадафи асоси ҳайати М.Дюранд буд, оғоз гардид. Ин марзи сарҳадӣ, ки бо номи хатти Дюранд машҳур аст, қисмати аъзами паштунҳоро бо ихтиёри ҳукумати Англия супорид.

Умуман, Афғонистон ва мулкҳои аморати Бухоро дар зери назорати ин ду абарқудрат дар ин солҳо қарор доштанд.

Новобаста аз он, ки Афғонистон дар ин солҳо истиқлолияти худро аз даст дода бошад ҳам, аммо амир Абдурраҳмонхон дар сиёсати дохилӣ комилан мустақил буд.

Муҳаққиқ Ҳақназар Назаров авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии охири асри XIX дар Афғонистонро таҳқиқ намуда, чунин андеша баён менамояд, ки дар ин давра дар Афғонистон низоми сахти ҳарбии диктатурии феодалӣ-монархӣ барқарор шуда буд. Ҳамаи мамлакат ба 5 вилоят: Кобул, Қандаҳор, Ҳирот, Мазори Шариф, Ҷалолобод ва дигар воҳидҳои маъмурӣ хурд тақсим гардида буд. Сарвари вилоятҳоро волӣ ба уҳда дошт, ки масоили судӣ, молиявӣ ва идоракунии маъмуриро ҳаллу фасл мекард.

Тибқи иттилои Ҳақназар Назаров дар замони Абдурраҳмонхон шаклгирии низоми мутамаркази идорӣ бо тақсимшавӣ ба вазоратҳо ба миён омад. Дар натиҷа низоми идора шаклгирии пурраро ба итмом расонд ва аз намудҳои гуногуни вазоратҳо таркиб ёфта буд: амин-ул-мулк (Вазорати корҳои дохилӣ), амин ул-низом (Вазорати мудофиа), амин ул-мукотибот (Вазорати корҳои хориҷӣ), муставфӣ ал-мулк (Вазорати молия)... ва ғайра. [3,42].

Тамоми ниҳодҳои маъмурӣ кӯшиш саъй мекарданд, ки ба ҳар роҳу восита хазинаи амирро аз ҳисоби ҷамъоварии андозу молиёт пур намоянд. Аммо дар баробари ин, амир ба ҳеҷ кас бовар надошт ва шахсан худаш тамоми бахшҳои идораро дар дасташ нигоҳ медошт. Дар замони ӯ хабаррасонӣ хеле маъмул гардида буд. Дар тамоми ташкилотҳо, муассисаҳо ва музофотҳо ҷосусони махфӣ амал мекарданд, ки мунтазам дар хусуси ҳамаи он чизе, ки барои онҳо шубҳанок ва хатарнок буданд, ба амир маълумот медоданд.

Яке аз асарҳои бунёдии профессор Ҳақназар Назаров «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» мебошад. Маҳз дар ҳамин асари худ профессор Ҳақназар Назаров роҷеа ба авзои сиёсӣ ва идораи давлатии Афғонистон дар замони Абдурраҳмонхон ва Ҳабибуллохон андешаҳои судмандро пешкаши аҳли илм намудааст. Барои мисол мавсуф солҳои охири салтанати амир Абдурраҳмонхонро бо такя ба манбаъҳои гуногун ба риштаи таҳлил кашида, иброз медорад: «Режими жандармӣ-истибдодие, ки амир Абдурраҳмонхон ба вуҷуд оварда буд, аз ҳар ҷиҳат маҳкуми таърих буд ва барои хосу омми мамлакат тоқатфарсо ва қобили таҳаммул набуд. Ҳатто далеле вуҷуд дорад, ки вай дар асари сӯиқасди дарбориён дар моҳи октябри соли 1901 захр дода шуда, кушта шудааст. Аз марги ин подшоҳи сиёҳкор ва хашмнок ҳама шодмонӣ кардаанд. Бинобар ин, ба сари ҳукумат омадани Ҳабибуллохонро ҳамагон ба гармӣ истиқбол намудаанд» [4,271].

Замони салтанати амир Ҳабибуллохон (1901-1919) писари амир Абдурраҳмонхон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон дигаргуниҳои куллӣ ба миён омада буданд. Аммо дар баробари пешравиҳо, дар низоми сиёсӣ ва идораи давлатии Афғонистон низ камбудиҳои зиёде ошкор гардиданд. Бо ин мақсад аз мутолиаи осори Ҳақназар Назаров маълум мегардад, ки дар даҳсолаи аввал амир

Ҳабибуллохон аз усулҳои идоракунии золимонаи падараш амир Абдурраҳмонхон даст кашида, идораи давлатии одилонаро пеша намудааст. Аммо дар даҳсолаи дуюми ҳукмронии худ амир Ҳабибуллохон бо услубҳои идоракунии давлатии падари худ, ки дар Афғонистон роҳандозӣ намуда буд, содиқ монд.

Умуман, дар даҳсолаи аввали идораи амир Ҳабибуллохон такмилдиҳии низоми идораи давлатӣ ба миён омад. Ба мисли замонҳои пеш амир монархи номаҳдуд боқӣ монда, ба маъмурияти марказӣ хешони наздик ва писаронашро ҷалб намуда буд. Ҷойгоҳи намоёнро дар ҳокимият бародараш сардор Насруллохон ишғол намуд, ки аз ҷониби амир сарфармондеҳи артиш ё вазири мудофиа таъин гардид. Мавсуф дар навбати худ муовини амир (муин ус-салтана) ҳисоб меёфт. Идоракунии корҳои дохилӣ дар дасти писари амир Иноятуллохон вогузор гардида буд, ки дар дарбор ба сифати сарвазир (ноиб ус-салтана) амал менамуд. Муассисаи молиявӣ ба сифати Вазорати молияро (мустафи ул-мамолик) Муҳаммад Ҳусейн роҳбарӣ менамуд. Назорат аз болои онҳоро амир шахсан худаш амалӣ мегардонд.

Дарбори амир ҳамчун дастгоҳи идоракунӣ аз як қатор сармуншиҳо, нозирон оид ба корҳои дохилӣ, хориҷӣ, ҳарбӣ ва дарборӣ таркиб ёфта буд. Дар дарбор инчунин, мақоми олии судӣ (дор - ул адолат) бо қозиён, муфтиҳо ва котибҳо амал мекарданд. Дар низоми дастгоҳи марказии идоракунӣ ташкилоти аз ҳама нерӯманд «Амин ул-иттилоъ» – Департаменти пулис ва ҳифзи ҳокимияти амир ба ҳисоб мерафт, ки онро амаки амир Назар Сафархон, шахсан, роҳбарӣ менамуд. Дар ҳамаи шаҳрҳо ва музофотҳо ҷосусон кору фаъолият менамуданд. Вобаста ба муносибатҳои маъмурӣ ба таъкиди Ҳақназар Назаров ҳамаи мамлакат ба 6 музофот – Кобул, Қандаҳор, Ҳирот, Фароҳ, Туркистони Афғонистон ва Бадахшон тақсим гардида буд. Музофотро волӣ роҳбарӣ менамуд, ки он натанҳо масъалаҳои маъмурӣ, балки масъалаҳои судиро низ ҳал менамуд[3,56]. Ба тахмини мо, низ бо такя ба осори профессор Ҳақназар Назаров новобаста аз он. ки таҳаввулоти назаррасе дар низоми идораи давлатии Афғонистон дар ин давра ба миён омада буд, аммо мавҷуд будани непотизм, протексионализм ва дигар унсурҳои коррупсионӣ ба нуқтаи олии худ дар ҷомеаи афғон реша давонда буданд.

Дар низоми судии Афғонистон низ дар ин давра ислоҳоти куллӣ ба миён омад. Вобаста ба ин масъала профессор Ҳақназар Назаров иброз медорад, ки барои муҳокима ва баррасӣ намудани парвандаҳои граждани ва ҷиноятӣ дар музофот муассисаҳои судӣ «маҳкамаи ҳаким» ва «маҳкамаи шаръӣ» амал менамуданд. Маҳкамаи шаръӣ танҳо парвандаҳои судии вобаста ба масъалаҳои диниро дида мебаромад ва ба маҳкамаи ҳаким тобеъ буд. Зимни баррасии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ муқаррароти қонунгузории шариатӣ, ки дар маҷмӯаи «Асос ул қуззот» мустаҳкам гардида буданд, ба роҳбарӣ гирифта мешуданд. Дар он ҳолате,

ки судҳои маҳаллӣ, барои баровардани ҳалнома мушкилӣ мекашиданд, парванда ба Кобул фиристода мешуд. Масоили ҷиноятҳои хиёнат ба ватан, дуздӣ, ҷиноятҳои давлатӣ, сӯиқасд ба ҳаёти аъзои оилаи амир дар маҷлиси мақомоти олии судӣ, ки дар он бевосита худи амир иштирок менамуд, баррасӣ мегардид.

Зимни таҳлили даҳсолаи дуюми ҳукмронии амир Ҳабибуллохон дар Афғонистон аз осори Ҳақназар Назаров маълум мегардад, ки ӯ (Ҳабибуллохон–Д.Қ.) аз умури давлатдорӣ дур гардида, вақти зиёди худро ба шикор, варзиш ва дар ҳарамсарои худ мегузаронд.

Ба таври умум. идораҳои марказӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дар замони Ҳабибуллохон ба иҷрои вазифаҳои худ ба таври бояду шояд машғул намешуданд, назму низоми идорӣ оҳиста - оҳиста фасодзада шуда, мукофоту муҷозоти ҳокимон, маъмурин ва муставфиён аз байн рафта буд, ҷои онро ришвахӯрӣ, тӯҳфагирӣ, хешовандигарӣ гирифта буд. Тамоми вазифахои муҳимми давлатӣ аз боло то поён харида ва фурӯхта мешуданд...[4,275].

Ҳамин тариқ, пажӯҳиши авзои сиёсӣ ва идоракунии давлатии Афғонистонро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX шаҳодат аз он медиҳад, ки ин давлат ба буҳрони сахти сиёсӣ ва идорӣ гирифтор гардида буд. Ҳамаи ин ба он боис гардид, ки ба муқобили амир Абдураҳмонхон ва Ҳабибуллохон суиқасди дарборӣ, ҷунбишҳои омавии мардумӣ ва маорифпарварӣ ба миён омаданд. Мавзӯи мазкур дар осори Ҳақназар Назаров, ки ба чунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ дар Афғонистон охири асри XIX ва ибтидои асри XX бахшида шудааст, таҳлили пурраи худро ёфтааст.

**Адабиёт:**


1. Назаров Х. К характеристике народных движений конца XIX века в Афганистане / Х. Назаров. / Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина.–Душанбе: Ирфон, 1968.–48 с.
2. Назаров Х. Из истории движения народных масс Афганистана в начале XX века/ Х. Назаров. /Отв. ред. А. Г. Слонимский; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленина.–Душанбе: Ирфон, 1969.–87 с.
3. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начало XX веков) / Х. Назаров /Отв. ред. Б. И. Искандаров; Тадж. гос. ун-т им. В.И. Ленин. – Душанбе: Ирфон, 1976–262 с.
4. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон/Ҳ.Назаров. – Душанбе: Дониш,1998.–656 с.

# INSTITUTIONAL APPROACH TO PUBLIC ADMINISTRATION

***Okhunov Bashir Khoujaqulovich*** **-** *chief specialist of the Department of science, innovation and international relations Institute of public administration under the President of the Republic of Tajikistan 73400, Dushanbe, Said Nosir street 33, tel: (+992) 93 510 00 21, e. mail: bashir_okhunov@mail.ru*

The institutional approach to the study of public administration concerns itself with the institutions and organizations of the State. The core area of this method lies in detailed study of the structure, the functioning, rules, and regulations of the executives, legislatures and the departments of the Government.

The above discussion becomes relevant with respect to the study of public administration because Government organizations are institutional in many ways and represent the needs and aspirations of the community. Therefore, studying and understanding their administration becomes important to make them more efficient and result oriented.

***Key words:*** *approach, administration, organization, government, relation, affect, result.*

# НАЗАРИ НИҲОДӢ БА ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

